АЗ ИВАЗИ ФАҲМИШ ТО ЗИНДАГИИ ШОИСТА с. 7

БОЗГАШТИ КОМРОНШОҲИ УСТОПИРИЁН БА ВАРЗИШ с. 15

ЗЕЛЕНСКИЙ: ҚРИМ АЗ РУСИЯ НЕСТ! с. 4

# ТОҶИКИСТОН

№17 (1630), 23.04.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992



# ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХӮРД



ДАР ИН ШУМОРА:

**ТАҒЙИРОТ ДАР ВКД**
Кӣ чӣ вазифа гирифт? с.2

**ТОҶИКИСТОНУ ЭРОН**
Мулоқоти се мақоми баландпоя дар як ҳафта с.3

**“ПАРАСТУ” ГУЗАШТ,**
“Наврӯз” оғоз мешавад! с.5

**ИҚТИСОД**
Тоҷикистон аз Қазоқистон чӣ ворид мекунад? с.7

**ДУЗДИИ ҒАЙРИОДӢ**
Банкоматро бо «скотч» ғорат карданд с.11








# ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ ДАР ВКД

## Кӣ чӣ вазифа гирифт?

**22-юми апрел дар сохторҳои Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон тағйироти кадрӣ сурат гирифт. Дар мувофиқа бо Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон шахсони зерин ба вазифаҳои гуногун таъин гардиданд:**

*- полковники милитсия* **Вализода Илҳомиддин Сироҷиддин,** *муовини Вазири корҳои дохилӣ;*

*- генерал-майори милитсия* **Назарзода Бахтиёр Бобо,** *сардори Раёсати кофтукови ҷиноятии Вазорати корҳои дохилӣ;*

**- генерал-майори милитсия** *Рамазонзода Суҳроб Кароматулло, сардори Раёсати ташхиси (экспертӣ) криминалистии Вазорати корҳои дохилӣ;*

*- генерал-майори милитсия Мирзомуродзода Рустам Тағоймурод,* **сардори Воҳиди махсуси Вазорати корҳои дохилӣ;**

*- полковники милитсия* **Баротзода Тоҳир Барот,** *сардори Раёсати огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғону ҷавонони Вазорати корҳои дохилӣ;*

*- полковники милитсия* **Абдуқодирзода Ҷафар Комил,** *сардори Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилӣ;*

*- полковники милитсия* **Абдураҳмонзода Миралӣ Сайраҳмон,** *сардори Раёсати БДА-и Вазорати корҳои дохилӣ;*

*- полковники милитсия* **Содиқзода Камолҷон Сайфулло,** *сардори Бюрои миллии марказии “Интерпол”-и Вазорати корҳои дохилӣ;*

*- полковники милитсия* **Мирзозода Рустам Бекмурод,** *сардори Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилӣ;*

*- генерал-майори милитсия* **Азиззода Абдуғафор Қаюм,** *сардори шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Ҳисор;*

*- полковники милитсия* **Иброҳимзода Иброҳим Абдусалом,** *сардори шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи Данғара;*

*- полковники милитсия* **Шодмонзода Шерхон Шодмон,** *сардори шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи Ёвон;*

*- полковники милитсия* **Давлатёрзода Орзуҷон Сайҷафар,** *сардори шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи Балҷувон;*

*- подполковники милитсия* **Сабурзода Меҳроҷиддин Мирзодавлат,** *сардори шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи Шаҳритус;*

*- подполковники милитсия* **Ташрифзода Шоҳвалӣ Турахон,** *сардори шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Панҷакент;*

*- генерал-майори милитсия* **Давлатзода Раҳмон Қобил,** *сардори шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Турсунзода;*

*- майори милитсия* **Ғоибзода Исроил Ҷурахон,** *сардори шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи Ванҷ;*

*- полковники милитсия* **Қосимзода Илҳом Обид,** *сардори шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи Мастчоҳ;*

*- полковники милитсия* **Содиқзода Ҳотамшоҳ Ҷаббор,** *сардори шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи Спитамен;*

*- полковники милитсия* **Шомадзода Фирдавс Маҳмад,** *сардори шуъбаи 1-и Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе;*

*- подполковники милитсия* **Шарифзода Фирдавс Ҳасан,** *сардори шуъбаи 2-юми Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе;*

*- полковники милитсия* **Одиназода Фирӯз Саттор,** *сардори шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Ваҳдат;*

*- полковники милитсия* **Рауфзода Алиҷон Тоҷиддин,** *сардори шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи Айнӣ;*

*- полковники милитсия* **Абдуллозода Асомуддин,** *сардори шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Конибодом;*

*- подполковники милитсия* **Тоҳирзода Рустам Тоҳир,** *сардори шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи Муминобод;*

*- майори милитсия* **Раҳимзода Мирзоватан Мирзораҳим,** *сардори шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Гулистон;*

*- генерал-майори милитсия* **Искандарзода Муҳамадшоҳ Амиршоҳ,** *сардори шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи Хуросон;*

*- подполковники милитсия* **Назарзода Хуршед Толибҷон** - *сардори шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Левакант;*

*- генерал-майори милитсия* **Саидзода Маҳмасаид Борон,** *муовини сардори Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар вилояти Хатлон;*

*- генерал-майори милитсия* **Нозимзода Файзулло Ватан,** *муовини сардори Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилӣ;*

*- генерал-майори милитсия* **Қунғуротзода Фотеҳ,** *муовини якуми сардори Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар ВМКБ.*

## САРИ САБЗ



**Маҳмадулло ТАБАРӢ,
санъатшинос ва мунаққиди театр**

**- Шояд аксари ҳунармандон омили чандон натиҷабахш набудани фестивалҳои солҳои охирро дар ноадолатона тақдим гардидани ҷоизаҳо ва набудани нақди театрӣ арзёбӣ намоянд. Аммо, нақди солим танҳо дар заминаи театри солим ба вуҷуд омада метавонад.**

*- Шояд ҳарду. Аммо, агар аз рӯйи инсоф андеша ронем, нафароне, ки мисли шумо аз таҳти дил, софдилонаву содиқона ба нақди театрӣ машғул шаванд, ангуштшуморанд.*



**Мизроб АМИРБЕКОВ,
коршиноси соҳаи кишоварзӣ**

**- Дар як вақт бояд масъалаи дарёфти кишоварзони асилро фаромӯш насозем ва кӯшиш намоем, ки дар ин бобат фермерони асосии соҳибкасбро ба миён оварем ва шахсиятҳои тасодуфии ғайрикасбиро аз байн бардорем.**

*- Пешниҳоди хеле мураккабу саргиҷкунанда. Дар мавриди шароиту замина фароҳам овардан барои фермерони асосии соҳибкасб ҳам ягон пешниҳод мекардед, хуб мешуд.*



**Ҳошим ГАДО,
актёр, режиссёр, нависанда**

**- Деҳқон картошка мекорад, ҳосилашро ба бозор мебарорад, ман китоб менависам, маҳсули заҳматамро мефурӯшам... Ман нав навиштанро ёд гирифтам. Ин 1000 ҷилд машқи қалам буд. Ҳоло ҳарфи диламро нагуфтаам. Ман акнун навиштанро оғоз кардам.**

*- Ба 1000 дароед, устод! Бо ҳамин суръату ҳамин рӯҳия навиштан гиред, боварӣ дорем, ки ягон деҳқон аз фурӯхтани ҳосили картошкааш ба андозаи шумо фоида ба даст намеорад.*

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,**
президенти АМИТ

**Шералӣ КАБИР,**
Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

**Носирҷон САЛИМӢ,**
академик

**Рафаэл НЕКТАЛОВ,**
сармуҳаррири рӯзномаи “The Bukharian Times”

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

**Шариф РАҲИМЗОДА,**
доктори илми иқтисодӣ, профессор

**Урватулло ТОИРОВ,**
доктори илми филология, профессор

**Тамара МОСКАЛЁВА,**
нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

**Гулсифат ШАҲИДӢ,**
нависанда

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Фирдавс САТТОРОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

# ТОҶИКИСТОНУ ЭРОН

## Мулоқоти се мақоми баландпоя дар як ҳафта

**Тайи ҳафтаи охир се мақоми баландпояи қудратии Тоҷикистону Эрон дидору мулоқот доштанд. Дар оғози ҳафта вазири мудофиаи Тоҷикистон Эмомалӣ Собирзода ба Эрон сафар кард, вазири корҳои дохилии Эрон бошад, ба Тоҷикистон омад. Раисони суди олии Эрону Тоҷикистон низ дар Чин мулоқот доштанд.**



### ВАЗИРИ МУДОФИА ДАР ЭРОН

14-уми апрел Эмомалӣ Собирзода, вазири мудофиаи Тоҷикистон ба Эрон сафар кард. Дар доираи сафари худ ӯ бо Абдураҳим Мусавӣ,





фармондеҳи кулли артиши Ҷумҳурии Исломии Эрон, Азиз Носирзода, вазири дифоъ ва Алиакбар Аҳмадиён, дабири Шӯрои олии амнияти ин кишвар дидор ва гуфтугӯ кард. Ҳамчунин, Собирзода дар Шероз бо Хусейналӣ Амирӣ, раиси вилояти Форс гуфтугӯ анҷом додааст.

Ҷузъиёти бештари сафари Эмомалӣ Собирзода ба Эрон хабар дода намешавад.

Расонаҳои Эрон навиштаанд, ки дар мулоқоти вазири мудофиаи Тоҷикистон бо ҳамтои эронияш масъалаҳои рушди ҳамкориҳо дар соҳаҳои дифоъ, мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, қочоқи аслиҳа ва ҷиноятҳои созмонёфта баррасӣ шудаанд.

Хабаргузории “Исна” навиштааст, ки Азиз Носирзода дар ишора ба муштаракоти таърихӣ, динӣ ва фарҳангӣ ба рушди ҳамкориҳо дар соҳаи дифоъ байни ду кишвар махсус таъкид намуда, ба мавқеи вижа ва барҷастаи Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии Эрон ишора кардааст.

Ҳамчунин, расонаҳои ин кишвар навиштаанд, ки дар дидори Эмомалӣ Собирзода бо Алиакбар Аҳмадиён тахкими равобити сиёсӣ, дифоъ, иқтисодӣ, фанноварӣ ва амниятӣ таъкид шудаанд.



### ВАЗИРИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ЭРОН ДАР ТОҶИКИСТОН

22-юми апрел Искандар Муъминӣ, вазири корҳои дохилии Эрон ба Тоҷикистон ташриф овард. Ба иттилои дафтари матбуоти Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон, ӯро дар Фурудгоҳи Душанбе Рамазон Раҳимзода, вазири корҳои дохилии Тоҷикистон пешвоз гирифтааст.

Хабаргузории эронии ИРНА менависад, ки Искандар Муъминӣ “дар ин сафар ба манзури гуфтугӯ ва ройзанӣ барои тавсеаи ҳамкориҳои дуҷониба, имзои як барномаи иҷроӣ-омӯзишӣ дар чаҳорчӯби иҷрои тавофуқномаи ҳамкориҳои амниятӣ ва интизомии ду кишвар ва дидор бо мақомоти тоҷик сурат мегирад”.

22-юми апрел Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон вазири кишвари (корҳои дохилии) Ҷумҳурии Исломии Эрон Искандар Муъминиро ба ҳузур пазируфт.

“Дар ҷараёни суҳбат ҷанбаҳои алоҳидаи муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Эрон, бахусус ҳолат ва дурнамои ҳамкории ду кишвар дар соҳаи тартиботи ҳуқуқӣ ва амният баррасӣ шуд”,- хабар медиҳад дафтари матбуоти Президенти кишвар.

Дар ин мулоқот аз ҷумла доир ба тавсеаи ҳамкорӣ вобаста ба таҳаввулоти ҷиддии нигаронкунанда дар ҷаҳони имрӯза, шиддати рақобатҳои геосиёсӣ, таҳдиду хатарҳои замони муосир мубодилаи афкор анҷом дода шуд. Зарур дониста шуд, ки барои муқовимати муассир ба зуҳуроти терроризм, ифротгароӣ, тундгароӣ ва ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, аз ҷумла киберҷиноятҳо ва қочоқи маводи мухаддир иқдомҳои муштарак андешида шаванд.

### МУЛОҚОТИ РАИСОНИ СУДҲОИ ОЛӢ

Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзозода Рустам Пираҳмад рӯзи 23-юми апрел дар ҳошияи Нишасти 20-уми роҳбарони низоми судии кишварҳои узви Созмони Ҳамкориҳои Шанхай бо раиси Суди Олии Ҷумҳурии Исломии Эрон Ғуломҳусейн Муҳсинӣ мулоқот намуда, масъалаҳои дуҷонибаи ҳамкорӣ миёни Душанбе ва Теҳронро баррасӣ кардааст.

Гуфта мешавад, Мирзозода Рустам дар суҳбат бо Ғуломҳусейн Муҳсинӣ гуфтааст, ки фарҳанги муштарак ва ҳамзабонӣ миёни ду кишвар - Эрон ва Тоҷикистон заминаи рушди ҳамкорӣ ва робитаҳоро фароҳам кардааст. Ӯ афзуд, ки нигоҳ ва роҳи ҳалҳои ду кишвар дар мавриди бисёре аз масъалаҳо яксон ва мушобеҳ аст.

Ғуломҳусейн Муҳсинӣ дар мулоқот бо Мирзозода Рустам гуфт, ки дар мубориза бо проблемаҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ агар кишварҳои ҳамсоя ба ҳамкорӣ ва ёрии мутақобил даст наёбанд, хатари зарар дидан онҳоро таҳдид мекунад. Ӯ афзуд, ки ҳамкорӣ барои ҳамгироии минтақавӣ барои мубориза бо ин проблемаҳо як принсипи асосӣ аст.




### РАВОДИДИ ТОҶИКИСТОНУ ТУРКИЯ БЕКОР МЕШАВАД?

**21-уми апрел дар шаҳри Анқара масъалаи содагардонии низоми раводид байни Тоҷикистон ва Туркия дар доираи машваратҳои консулӣ байни вазоратҳои корҳои хориҷии ду кишвар баррасӣ шудааст. Дар ин бора Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон хабар медиҳад.**

Тибқи иттилои вазорат, ҳайати Тоҷикистонро сардори Сарраёсати консулии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Баҳодур роҳбарӣ кард. Аз ҷониби Туркия дар мулоқот директори генералии Вазорат оид ба масъалаҳои консулӣ ва муҳоҷират Фатма Ҷерен Язган иштирок намуд.

Дар ҷараёни машваратҳо масъалаҳои муҳими ҳамкориҳои дуҷониба, аз ҷумла содагардонии расмиёти раводид, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон ва кумаки ҳуқуқии мутақобила баррасӣ шуданд.

Чанд рӯз пеш Сафорати Туркия дар Тоҷикистон хабар дода буд, ки дар ин мулоқот масъалаи бекор кардани низоми раводид миёни ду кишвар баррасӣ мешавад.

“Мо тавассути ҳамкориҳои зич ва муколама байни ниҳодҳои дахлдори ду кишвар талош дорем, ки дар оянда низоми раводидро лағв кунем”- гуфта буд намояндаи дипломатӣ.

Бояд гуфт, ки Туркия аз 20-уми апрели соли гузашта барои шаҳрвандони Тоҷикистон низоми равуо тавассути раводидро ҷорӣ карда буд. Дар оғоз гуфта мешуд, ки низоми раводид муваққатӣ аст, вале он як сол тӯл кашид. Тоҷикистон ҳам ба шаҳрвандони Туркия низоми раводид ҷорӣ намудааст.

Арзиши раводиди Тоҷикистон барои шаҳрвардони Туркия айни ҳол маълум нест, аммо барои дастрас кардани раводиди Туркия шаҳрвандони Тоҷикистон аз 90 то 160 доллар бояд пардохт кунанд.

## Чин интернети 10G фаъол кард

**Ширкатҳои Ҳуавей ва China Unicom насли нави алоқаи 10G-ро дар вилояти Хэбэй, наздик ба шаҳри Пекин фаъол карданд. Суръати интернет дар насли нав 9834 мегабит дар сония аст. Мӯҳлати интизорӣ камтар аз як сония гуфта мешавад.**



Ба ҳолати моҳи январи имсол дар Чин зиёда аз 4 миллион истгоҳҳои базавии насли 5G фаъол аст. Дар ягон кишвари дунё ин миқдор истгоҳҳои базавии насли 5G нест.

BBC

## Акси соли 2024

**Акси Маҳмуд Аҷур - кӯдаки 9-солаи фаластинӣ, ки бар асари ҳамлаи Исроил ду дасти худро аз даст дод, акси соли 2024 эълон шудааст. Дар ин бора World Press Photo иттилоъ додааст.**



World Press Photo созмонест, ки қариб 70 сол инҷониб дар соҳаи фотожурналистика озмун баргузор карда, аксҳои соли матбуотро муайян месозад.

Имсол барои ин озмун 59 ҳазору 320 акс аз ҷониби 3 ҳазору 778 аксбардор аз 141 кишвари ҷаҳон ирсол шуда, дар ниҳоят 1 акси сол ва 2 акси финал рӯзи 17-уми апрел дар Амстердам эълон гардид.

Муаллифи акс Самар Абу Элуф, аккоси нашрияи "The New York Times" аст.

The New York Times

# ЗЕЛЕНСКИЙ: ҚРИМ АЗ РУСИЯ НЕСТ!

**Киев ҳокимияти Русия бар нимҷазираи Қримро эътироф намекунад, чун ин хилофи Конститутсияи Украина аст. Дар ин бора президенти Украина Владимир Зеленский изҳори назар кард.**



Зеленский дар нишасти хабарӣ, ки пеш аз вохӯрӣ бо намояндагони Амрико ва Аврупо сухбат мекард, гуфт, "ин ҳудуди мо, хоки мардуми Украина аст".

Ба гуфтаи раисҷумҳури Украина, бахси мақоми Қрим ва дигар минтақаҳои ишғолии Украина танҳо ҷангро ба дарозо мекашад.

Пештар манобеи The Washington Post хабар доданд, ки дар музокирот дар Лондон намояндагони Амрико ва Украина пешниҳод мекунанд, ки Қримро ҳамчун ҳудуди Русия эътироф карда, амалиётҳои ҷангиро поён диҳанд.

Пештар айни ин хабарро бунгоҳи Bloomberg ва нашрия, The Wall Street Journal нашр карда буданд. Қарор аст дар музокироти Лондон намояндагони Украина, ИМА, Британияи Кабир, Олмон ва Фаронса ширкат кунанд.

Президенти Амрико Доналд Трамп умедворӣ кардааст, ки Русия ва Украина дар мухлатҳои наздик ба созиш мерасанд.

# ПОПИ КАМБАҒАЛОН

**Поп Франсис, раҳбари 266-уми католикҳои ҷаҳон, ки чанде пеш аз бемории роҳҳои нафас наҷот ёфта буд, рӯзи 21-уми апрел дар 88-солагӣ даргузашт.**



Номи аслияш Хорхе Марио Берголио аст ва дар Аргентина зода шудааст. Ӯ нахустин зодаи Амрикои Ҷанубӣ буд, ки ба ин мақом расид. Поп қабл аз ба хидмати дин пардохтан риштаи кимиёро хатм кардааст. Ӯ соли 1969 ба мақоми кашишӣ ва дар соли 1997 ба мақоми ускуфи аъзами Буэнос Айрес расид.

Попи Рум калисои католикиро аз соли 2013 пас аз истеъфои Бенедикти 16 роҳбарӣ мекард. Ӯ бо хоксорӣ, дифоъ аз адолати иҷтимоӣ ва талошхояш барои сулҳ машҳур буд. Ӯ дар замони ҳасос роҳбарии калисоро ба дӯш гирифт. Замоне, ки рӯҳониён ба озори ҷинсӣ айбдор мешуданд ва дар фаъолияти калисо ҳам чолишҳои зиёде буд.

Вале Поп Франсис аз оғоз бо фурӯтании худ хабарсоз шуд. Ӯ аз зиндагии борифоҳ даст кашид, дар маросими "Панҷшанбеи муқаддас" бо шустани пойи занон, мусалмонон ва зиндониён борҳо хабарсоз шуд. Попи Рум муқобили ҳамлаи Исроил ба Ғазза борҳо баромад кардааст.



# ОХИРИН МОНЕА

## Истиқболи Толибон аз тасмими Русия

**Толибон* қарори Суди Олии Русия дар бораи берун кардани номи гурӯҳ аз рӯйхати созмонҳои мамнуъро истиқбол карда, онро таърихӣ унвон карданд.**

Ба иттилои телевизиони "Ому", Амирхон Муттақӣ, иҷрокунандаи вазифаи сарпарасти Вазорати корҳои хориҷии Афғонистон дар мулоқоти худ бо Дмитрий Жирнов, сафири Русия дар Афғонистон аз ин қарор истиқбол карда, гуфтааст, ки ин тасмим "охирин монеа" дар баробари густариши ҳамкориҳои сиёсӣ ва иқтисодии миёни ду кишварро бардоштааст.

Ёдовар мешавем, ки Суди Олии Русия рӯзи 17-уми апрел амали қарори пешин оид ба манъи фаъолияти Толибон дар қаламравашро боздошт ва ба дархости берун кардани номи он аз рӯйхати созмонҳои мамнуъ розигӣ дод.

Ҳаракати Толибон гарчанде аз моҳи августи соли 2021 қудратро дар Афғонистон ба даст гирифтаанд, ҳеҷ як давлати ҷаҳон онҳоро ба расмият эътироф накардааст.

# «ПАРАСТУ» ГУЗАШТ, «НАВРӮЗ» ОҒОЗ МЕШАВАД!




**Фестивал-озмуни театрҳои касбӣ “Парасту-2025”, ки рӯзҳои 14-21-уми апрел дар шаҳри Душанбе баргузор шуд, ба охир расид. Маросими ҷамъбасти ҷашнвора бо ширкати вазири фарҳанги кишвар Матлубахон Сатториён шоми 21-уми апрел дар Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ баргузор шуд.**

Ҳамчунин дар ин маросим ҷоизаҳо ва тухфаҳои ҷашнвораи “Парасту 2025” ба ғолибонашон тақдим шуд.

Тибқи хулосаи ҳайати доварони ҷашнвора Шоҳҷоизаи “Парасту 2025” насиби Театри академӣ-драммавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ барои намоишномаи "Достони Сиёвуш" гардид. Ин намоишро коргардон Баҳром Қурбонзода аз рӯйи достонҳои “Шоҳнома” таҳия кардааст.

**Ҳамин тавр:**

**Ҷои якум** - *ба* **Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи М. Назарови шаҳри Хоруғ** *барои намоишномаи "Ял" дода шуд. Ин намоишнома аз рӯйи “Достони Исфандиёр”-и “Шоҳнома”-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ аз ҷониби коргардон Умед Хисравов таҳия гардидааст;*

**Ҷои дуюм** - *ба* **Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ - драмавии ноҳияи Данғара** *барои намоишномаи "Ривояти суғдӣ" дода шуд. Намоишро аз рӯйи асари нависанда Сотим Улуғзода коргардон С. Алимов таҳия кардааст;*

**Ҷои сеюм** - *ба* **Театри мусиқӣ-драммавии ба номи Т. Фозиловаи шаҳри Конибодом** *барои намоишномаи "Бозгашт" дода шуд. Ин намоиши мустанад дар асоси китоби хотироти Комил Ёрматов таҳия гардида, муаллиф ва коргардони он Фарҳоди Ғаффорпур аст.*

## СОҲИБОНИ ҶОИЗАҲОИ ДИГАР БА ТАВРИ ЗАЙЛАНД:

**Ҷоизаи фарҳанги волои саҳнавӣ** - ба **Низомиддин Раҳмонов** *барои нақши Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар намоишномаи "Ахтаре аз Хатлонзамин"-и Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб;*

**Ҷоизаи Беҳтарин ороиши саҳна** - ба **Хайруллo Давлатов** *барои намоишномаи "Зангирӣ ё дамгирӣ"-и Театри мусиқӣ-драмавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар;*

**Ҷоизаи Беҳтарин намоиши лӯхтак** - *Театри давлатии лӯхтаки ба номи А. Мақсудии шаҳри Бӯстон;*

**Ҷоизаи Беҳтарин нақши эпизодӣ** - ба **Тоҳир Меликов** *аз Театри ӯзбекии драмавӣ - мусиқии ба номи Бурҳонови ноҳияи Спитамен;*

**Ҷоизаи Беҳтарин ансамбли ҳунарӣ** - ба *Театри мусиқӣ-мазҳакавии Бохтар барои намоишномаи "Зангирӣ ё дамгирӣ";*

*Ҷоизаи Беҳтарин нақши балет* - ба **Фарангис Саидзода** *барои нақши Томирис дар намоишномаи "Куруши Кабир"-и Театри опера ва балет;*

**Ҷоизаи Беҳтарин нақши занона** - ба **Рухшона Улфатова** *барои нақши Татяна дар намоишномаи "Евгений Онегин"-и Театри таҷрибавии тамошобини ҷавон ба номи М. Қосимов;*

**Ҷоизаи Беҳтарин нақши мардона** - ба **Дмитрий Мурзинов** *аз Театри давлатии драмавии русии ба номи В. Маяковский;*

**Ҷоизаи Беҳтарин коргардон** - ба **Хуршед Мустафоев** *барои намоишномаи “Базм дар айёми вабо” аз Театри давлатии драмавии русии ба номи В. Маяковский.*

Дар маросими ҷамъбастии фестивал-озмуни “Парасту 2025” вазири фарҳанги Тоҷикистон Матлубахон Сатториён хабар дод, ки аз 1 то 6-уми майи соли равон дар шаҳри Душанбе Фестивали байналмилалии театрҳои касбӣ - «Наврӯз» бо иштироки намояндагони театрҳои Арманистон, Озарбойҷон, Федератсияи Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии исломии Эрон баргузор мегардад.

Сатториён гуфт, ки ин фестивал барои тақвияти ҳамкориҳо ва мубодилаи таҷрибаи ҳунармандони давлатҳои иштирокчӣ мусоидат менамояд.

Ёдовар мешавем, ки Фестивали байналмилалии театрҳои касбӣ - «Наврӯз» аз соли 1990 дар Душанбе баргузор мешуд.

# «WILDBERRIES» БА ФАЪОЛИЯТ ОҒОЗ КАРД

**Фурӯшгоҳи маъруфи онлайнии “Wildberries” расман фаъолияташро дар Тоҷикистон оғоз кард. 19-уми апрел ду нуқтаи расонидани маҳсулоти ин ширкат дар шаҳри Душанбе ба истифода дода шуданд.**




Нуқтаҳои колорасонии “Wildberries” дар кӯчаи Абулқосим Лоҳутӣ 15 ва кӯчаи Пӯлодӣ 43 ҷойгир шудаанд. Тибқи иттилои масъулин, рӯзи 20-уми апрел боз як марказы дигари “Wildberries” дар шаҳри Хуҷанд, дар кӯчаи Камоли Хуҷандӣ 138 ба фаъолият шуруъ кардааст.

Сокинони Тоҷикистон акнун метавонанд аз тарики сомонаи Wildberries маҳсулот фармоиш диҳанд. Ба иттилои масъулин, муҳлати миёнаи расонидани маҳсулот дар марҳилаи аввал аз 10 то 14 рӯзро дар бар мегирад.

Оғози фаъолияти “Wildberries” дар кишвар имкони бештарро барои харидорони ватанӣ дар самти дастрасӣ ба молу маҳсулоти гуногун ва шеваи муосири савдои электронӣ фароҳам месозад.

## РЕЗААХБОР

Мақомоти шаҳри Душанбе истгоҳи нақлиёти ҷамъиятиро дар назди бинои собиқи телевизиони «Сафина» бардоштанд. Гуфта мешавад, ки ин иқдом бо мақсади сабуксозии ҳаракати нақлиёт дар маркази пойтахт анҷом дода шудааст.

***

Таҷлили ҷашни Ғалаба дар Тоҷикистон расман рӯзҳои 8 ва 9-уми май баргузор мешавад. 8-уми май сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар Паради ҳарбӣ ширкат карда, дар маҷмааи ёдгорӣ дар Боғи Ғалаба гулчанбар мегузорад. Ба гуфтаи манбаъҳо, эҳтимол меравад, ки рӯзи 9-уми май Президент ба Маскав сафар хоҳад кард. 9-уми май бошад, дар Душанбе раҳпаймоии анъанавии “Ҳанги ҷовидонӣ” баргузор мегардад. Иштирокдорони он аз назди Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ то Боғи Ғалаба қадам мезананд, то хотираи қаҳрамонони ҷангро гиромӣ доранд.

***

Дар даҳаи аввали моҳи июни соли равон шаҳри Душанбе мизбони ҷаласаи Шӯро оид ба сиёсати саноатии давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ва нахустин нишасти машваратии вазирони саноати кишварҳои Осиёи Марказӣ хоҳад буд.

Ба иттилои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин ду ҳамоиши муҳими байналмилалӣ дар ҳошияи ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони ҳукуматҳои ИДМ баргузор мегарданд.

***

22-юми апрел дар шаҳри Душанбе ҷаласаи корӣ оид ба содагардонии расмиёти савдо баргузор шуд. Тавре Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳад, ин ҷаласа бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои марбута, шарикони рушд ва доираи васеи содиротқунандагон баргузор шуд. Дар ҷаласа масъалаҳои муҳими марбут ба раванди содирот, монеаҳои мавҷуда ва роҳҳои бартарафсозии онҳо, инчунин роҳҳои содасозии расмиёти савдо баррасӣ мешаванд.

***

Ба ифтихори Рӯзи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе дар "Кохи Суруш" барномаи бошукуҳи фарҳангӣ баргузор гардид, ки дар он ғолибони озмунҳои шаҳрӣ дар соҳаи маориф бо мукофотҳои арзишманд сарфароз гардонида шуданд.

# АЛЕКСАНДР ҲАЙЗЕР

## - пайвандгари Тоҷикистону Олмон



*Ховаршинос Манфред Лоренс, профессор Матлубаи Мирзоюнус ва Александр Ҳайзер*

**Доктор Ҳайзер ховаршинос, муҳаққиқ, хатмкардаи мактаби илмии Санкт-Петербург, рӯзноманигор, мутарҷим ва ходими ҷамъиятӣ, пайвандгари халқҳои тоҷику олмонист, ки қариб сӣ сол аст дар шаҳри Берлини Олмон умр ба сар мебарад ва дар таблиғи фарҳангу адаби мо дар кишварҳои Аврупо талош мекунад.**

Муаллифи чандин рисолаву мақола ва очеркҳои пурарзиш, мутарҷими ашъори Рӯдакӣ, Хайём, Саъдӣ, Шайх Камол, Ҷомӣ ва Фарзона ба забони олмонӣ, раиси «Ҷамъияти олмониён ва тоҷикон», узви Иттиҳодияи рӯзноманигорони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, барандаи ҷоизаи Бобоҷон Ғафуров, шаҳрванди фахрии шаҳри Хуҷанд А. Ҳайзер солҳост, ки пайвандҳои адабии ин ду халқро ҷустуҷӯ мекунад ва бозёфтҳои илмии худро дар ихтиёри алоқамандон мегузорад.

Зодаи шаҳри Хуҷанд (28-уми апрели соли 1955) буда, соли 1977 риштаи забон ва адабиёти руси Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Ленинобод ба номи С. М. Киров (алҳол ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров)-ро хатм намудааст. Сипас коромӯз-муҳаққиқи кафедраи адабиёти хориҷии ДДО ба номи А. И. Гертсени ш. Ленинград (Санкт-Петербург) ва аспиранти ҳамин кафедра буд. Рисолаи номзадиро дар мавзуи «Адабиёти Шарқ дар Англияи асри XVIII» ҳимоя намуд. Баъдан дар вазифаҳои муаллим, дотсент ва мудири кафедраи адабиёти рус ва хориҷии факултаи забон ва адабиёти руси ДДОЛ ба номи С. М. Киров (ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров) буд.

Соли 1996 ба шаҳри Берлини Олмон кӯч баст. Чанд сол мураббии маҳфили ҷавонон ва коргузор, аз соли 2006 то ин дам роҳбари «Ҷамъияти олмониён ва тоҷикон»-и шаҳри Берлин аст. Дар Тоҷикистон, Русия ва Олмон мақолаву очеркҳо, мусоҳибаву фелетонҳояш дар рӯзномаву маҷаллаҳои «Коммунист Таджикистана», «Комсомолец Таджикистана», «Ленинабадская правда», «Ҳақиқати Ленинобод», «Азия-плюс», «Вароруд», «Европа центр», «Восточный экспресс», «Русский Берлин», «Контакт», «Евроазиатский Курьер», «Родная речь» ва матбуоти олмонӣ ба табъ расидаанд. Дар маҷаллаи олмонии «Wostok» (Берлин) мақолаҳояш пайваста интишор меёбанд. Мухбири махсуси маҷаллаи «Euro-Asia» (Лейпциг), аъзои ҳайати таҳрири маҷаллаи илмии «Филологос»-и Донишгоҳи Липецк ва якчанд маҷаллаҳои дигар аст. Аз соли 2004 узви Иттиҳодияи рӯзноманигорони Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Аввалин мақолаҳояш дар оғози солҳои 80-уми асри гузашта ба табъ расидаанд. Аз ибтидои фаъолияти эҷодӣ ва илмӣ то имрӯз таваҷҷуҳи А. Ҳайзерро масоили таърихи равобити адабии тоҷикон бо кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ва Русия ба худ мекашад. Дар иртибот бо ин мавзуъ монография ва маҷмӯаи мақолоти муаллиф бо номи «Мулоқотҳои аввалин» («Первые встречи», Хуҷанд, 1998), «Золотой венец» (Хуҷанд, 2011) ва «Тоҷи заррин» (ба забони тоҷикӣ, Хуҷанд, 2015), «Наследие Камола Худжанди на Западе» (бо ҳаммуаллиф, Хуҷанд, 2022), «От Рудаки до Бедиля. Из истории освоения персидско-таджикской литературы в германоязычных странах» (Душанбе, 2023) интишор ёфтаанд. Гузашта аз ин, ӯ яке аз мураттибони китоби «Рӯдакӣ» (ба се забон, Хуҷанд, 2008), муаллиф ва мутарҷими китобҳо дар бораи Фарзона (Очерк ва шеърҳо. Хуҷанд, 2014) ва Камоли Хуҷандӣ («Ишқи минуӣ», Хуҷанд, 2018) мебошад.

Асари арзишманди Александр Ҳайзер «Тоҷи заррин. Очеркҳо роҷеъ ба таърихи равобити адабии тоҷикон бо Аврупои Ғарбӣ ва Русия» таълифоти чандинсолаи ӯро дар як муҷаллад фароҳам овардааст. Он маҷмӯъ беш аз 20 мақолаи гуногунҳаҷму мухталифмавзуъ аст, ки дар меҳвари ҳамаи онҳо таваҷҷуҳи хориҷиён ба осори адабиёти форсу тоҷик қарор дорад. Пешгуфтори китобро донишманди маъруфи Олмон, ховаршиноси номвар профессор Манфред Лорентс навишта, роҷеъ ба моҳияти ин равиши адабиётшиносӣ, натиҷаву дастовардҳои илмии муаллифи асар сухан рондааст. Ба андешаи ӯ, маҳз бар асари ҷустуҷӯҳои илмии Александр Ҳайзер асноди нави зиёд ба муомилоти илмӣ ворид шуд, ки аз он ҷумла нахустин тарҷумаҳои русии осори Ҷомӣ, тарҷумаҳои то имрӯз номаълуми осори Саъдӣ, таърихи ошноии русҳо бо Фирдавсӣ ва адибони дигар мебошад. Баррасии рӯзгору осори Рӯдакӣ ва Камоли Хуҷандӣ, ки донишманди фаронсавӣ Д'Эрбло ҳанӯз дар асри XVII ба фарҳангномаи «Китобхонаи шарқӣ»-и худ ворид карда буд, таҳқиқи мавзуи Шарқ дар осори адиби олмонӣ Ҳенрих Ҳайне низ аз бозёфтҳои ҷолиби Ҳайзер ба шумор меояд.

Муҳимтарин дастоварди илмии муаллиф дар он ба назар мерасад, ки ӯ на танҳо мавзуи умумии равобити адабии Шарқу Ғарбро вусъат бахшид, балки замони ташаккул ва густариши онро низ аз миёнаҳои асри XIX ба ду аср қафотар, яъне, ба поёни асри XVII расонида, ҳамаи фикру мулоҳизаи худро бо шавоҳиди қотеъ аз сарчашмаҳои муътамад собит намуд.

Муаллиф маводи китобро вобаста ба ҷуғрофиёи адибон ба ду фасл дастабандӣ карда, дар фасли аввал мақолотеро ҷой додааст, ки равобити адабии Аврупои Ғарбиро бо тоҷикон аз оғози садаи XVII то нимаи асри XIX фаро гирифтаанд. Дар бахши дувум адабиёти тоҷикон дар Русия аз охири асри XVII то нимаи авали асри XIX мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ӯ дар бобари мақолоте, ки манзараи умумии ташаккул, таҳаввул ва густариши равобити адабии аҳли адаби Аврупоро ба адабиёти форсу тоҷик матраҳ менамоянд, осореро низ манзур кардааст, ки ҳосили андешаҳояш оид ба адибони Аврупо ё форсу тоҷик мебошанд. Чунончи, агар аз як тараф, нуктаи меҳварии шинохт таваҷҷуҳ ба осори Абдураҳмони Ҷомӣ, Камоли Хуҷандӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём аз ҷониби аҳли адаби Аврупо бошад, аз ҷониби дигар, моҳияти масъаларо ҳунари иддае аз адибон ва мутарҷимони номвари Аврупо Гёте, Ҳенрих Ҳайне, У. Бэкфорд, Адолф Фридрих фон Шак дар иртибот бо адабиёти Шарқ бо тарзи баёни хеле ҷолибу дилписанд равшан мекунад.

Фасли дувуми маҷмӯа «Адабиёти тоҷикон дар Русия аз охири асри XVII то нимаи асри XIX» маҳсули андешаи муҳаққиқ оид ба таваҷҷуҳи аҳли адаби Русия ба адабиёти форсу тоҷик буда, дар мақолоти он сарчашмаҳои муҳими шарқшиносии рус, саъдишиносӣ дар Русия, заминаҳои таълифи шеъри «Тақлид ба Қуръон»-и А. С. Пушкин мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Муаллифи маҷмуа ба саъдишиносӣ дар Аврупо ва Русия таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, чандин ҳикояти манзуму мансурро аз «Гулистон»-у «Бӯстон» нақл мекунад ва тибқи ёдовари аз тарҷумаи ин осор хулосаҳои арзишманди назарӣ берун мекашад.

Таваҷҷуҳи А. Ҳайзер ба мавзуи шинохти Камоли Хуҷандӣ дар Аврупо ҳанӯз дар солҳои 80-уми садаи гузашта ба дид меояд. Соли 1989 дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» мақолаи ӯ бо номи «Камоли Хуҷандӣ дар энсиклопедияи асри XVII-и Фаронса» чоп мешавад. Дертар, соли 2011 дар китоби «Золотой венец» ва тарҷумаи тоҷикии ин китоб (2015) мақолаи «Ташнагонро муждае аз мо бубар. Камоли Хуҷандӣ дар Аврупо» ба табъ мерасад. Мақолаи «Тарҷумаи ашъори Камол ба забони олмонӣ» ба китоби «Маводи конференсияи байналмилалии «Камоли Хуҷандӣ: ташаккули адабиётшиносӣ ва равобити адабӣ»(Хуҷанд, 28-29-уми октябри соли 2016) ворид шудааст, ки муаллифи он дар ҳамоиши мазкур дар ҳамин мавзуъ суханронӣ дошт.

Таҷрибаи тарҷумаи ашъори Камоли Хуҷандиро А. Ҳайзер минбаъд низ давом дода, соли 1918 маҷмӯаи алоҳидае бо номи «Ишқи минуӣ» мураттаб ва нашр менамояд. Афзалияти ин тарҷумаҳо бевосита аз забони тоҷикӣ баргардонида шудани онҳо мебошад.

Ин китоб аз ҷониби Муассисаи давлатии «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ» ба табъ расидааст.

Китоби дигаре, ки аз ҷониби ҳамин Марказ интишор ёфтааст, «Мероси Камоли Хуҷандӣ дар Ғарб» унвон дошта, он дар ҳамкорӣ бо муаллифи ин сатрҳо таълиф шудааст. Дар он дастнависҳои девони Камоли Хуҷандӣ, ки дар кишварҳои Ғарб ҳифз шудаанд ва тадқиқоте, ки дар бораи ин шоири шаҳир дар Аврупову Амрико сурат гирифтаанд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар поёни ин китоб шаш мақолаи ин ду муаллиф дар бораи Камоли Хуҷандӣ ҷой дода шудаанд. Дар ин китоб бори аввал тамоми маводи марбут ба камолшиносӣ дар Ғарб ҷамъ оварда шуд. Моҳияти онро донишманди Италия Михаил Бернардинӣ ба хубӣ дарк карда, тақризеро дар ин мавзуъ дар маҷаллаи Аврупо интишор намуд ва ба ин китоб баҳои баланд дод.

Соле пеш дар Душанбе китоби нави А. Ҳайзер «Аз Рӯдакӣ то Бедил. Аз таърихи шинохти адабиёти форсу тоҷик дар кишварҳои олмонизабон» аз чоп баромад, ки идомаи ҷустуҷӯҳои муаллиф дар ин самт аст. Мухтавои асар ба унвонаш мувофиқ аст, зеро ба ин китоб мақолаҳои пажӯҳишгар дар бораи Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҷомӣ, Навоӣ, Амир Хусрав ва Бедил ворид шудаанд. Дар ин китоб ҳамагӣ 16 мақолаи муаллиф ҷой дода шудаанд, ки қариб нисфи онҳо ба мавзуи тарҷумаи «Шоҳнома»-и ҳаким Фирдавсӣ дар кишварҳои олмонизабон ихтисос ёфтаанд. Дар онҳо ба масъалаҳои тарҷума ва тарҷумашиносӣ, назарияи тарҷума, таҳаввули тарҷума эътибори хос дода шудааст.

Ин китоби муфид ва хеле ҷолиб пур аз дастовардҳои тозаи илмӣ оид ба масъалаҳои равобити адабии шарқу ғарб аст.

Ба ин муаллифи соҳибназар ва борикбин, ки дар остони 70-солагӣ қарор дорад, саломати бегазанд ва илҳоми саршор орзумандем.

**Матлубаи МИРЗОЮНУС,**
**профессор**



# ТОҶИКИСТОН АЗ ҚАЗОҚИСТОН ЧӢ ВОРИД МЕКУНАД?

**Қазоқистон барои Тоҷикистон яке аз шарикони асосии иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Дар се моҳи аввали соли равон ҳаҷми муомилоти тиҷоратӣ миёни ду кишвар афзоиш ёфтааст. Нишондиҳандаҳои оморӣ тасдиқ мекунанд, ки равобити иқтисодӣ дар ҳоли рушд қарор дорад. Аммо тавозуни тиҷорат ба самти Қазоқистон майл дорад. Воридоти Тоҷикистон аз ин кишвар ба маротиб бештар аз содирот аст.**

## ГАРДИШИ ТИҶОРАТ ДАР ОМОР

Тибқи маълумоти расмӣ, Тоҷикистон дар се моҳи аввали соли 2025 аз Қазоқистон ба маблағи 257 миллион доллар молу маҳсулот ворид кардааст. Ҳамзамон, ҳаҷми содирот аз Тоҷикистон ба Қазоқистон ҳамагӣ наздик ба 18 миллион долларро ташкил додааст. Ин нишон медиҳад, ки ҳарчанд муносибатҳои иқтисодӣ рушд мекунанд, вале тавозуни он ба фоидаи Қазоқистон боқӣ мондааст.

## ВОРИДОТ АЗ ҚАЗОҚИСТОН

Маълумоти солҳои пеш ва таҳлилҳои иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки Тоҷикистон аз Қазоқистон асосан маҳсулоти ғалладонагӣ, махсусан гандум ворид мекунад. Ин намуди воридот яке аз маҳсулоти асосии хӯроквorӣ барои кишвар буда, талаботи дохилиро таъмин мекунад.

Дар ҷойи дуюм маҳсулоти нафтӣ қарор дорад. Аз ҷумла, сӯзишворӣ ва равғанҳои техникӣ, ки дар соҳаи саноат ва нақлиёт васеъ истифода мешаванд. Ба Тоҷикистон маҳсулоти металлӣ низ ворид мешаванд, ки мис, алюминий, оҳан ва дигар масолеҳи сохтмонӣ ва саноатиро дар бар мегиранд. Ҳамчунин, нуриҳои минералӣ аз Қазоқистон ворид мегарданд, ки дар рушди соҳаи кишоварзии Тоҷикистон нақши муҳим мебозанд.

## СОДИРОТИ ТОҶИКИСТОН

Содироти Тоҷикистон ба Қазоқистон нисбатан камтар аст. Маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла мева ва сабзавот аз муҳимтарин маҳсулоти содиротӣ ба шумор мераванд. Тоҷикистон бо иқлими мусоид ва фаровонии зироатҳои кишоварзӣ, бахусус меваҳои тару тоза, имкони хуб барои густариши содирот дорад.

Ба ҷуз ин, пахта, маъданҳои фоиданок, монанди тилло ва нуқра, обҳои маъданӣ ва маҳсулоти саноатии хурд низ аз Тоҷикистон ба Қазоқистон содир мешаванд. Аммо ҳаҷми умумии содирот то ҳол хеле маҳдуд аст.

## ШАРИКИ БОЭЪТИМОД

Имрӯз шарикии стратегии Тоҷикистон бо Қазоқистон дар тамоми бахшҳо босуръат рушд меёбад. Махсусан, ҷониби ду давлат талош доранд, ки робитаи тиҷоратӣ ва сармоягузориро бештар намоянд.

“Мо манфиатдорем, ки заминаи ҳамкории ду кишвар минбаъд ҳам мустаҳкам шавад”,- таъкид дошта буд Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо Сарвазири Қазоқистон Олжас Беткенов моҳи апрели соли гузашта.

«Тоҷикистонро мо шарики боэътимоди стратегӣ ва ҳампаймон медонем, байни кишварҳои мо ҳеҷ масъалаи ҳалношуда набуд ва нест, ҳамаи онҳо дар рӯҳияи ҳампаймонӣ ва бародарӣ ҳал мешаванд”,- изҳор дошта буд Олжас Беткенов дар навбати худ.

Дар давоми беш аз 30 соли ҳамкорӣ байни Тоҷикистон ва Қазоқистон 150 созишнома ба имзо расидаанд. Ин созишномаҳо соҳаҳои муҳимтарин ва самтҳои афзалиятноки ду кишварро фаро мегиранд.

## ДУРНАМОИ ҲАМКОРӢ

Бо дарназардошти рақамҳои мавҷуда, маълум мешавад, ки то ҳол тавозуни тиҷорат байни ду кишвар ба фоидаи Қазоқистон боқӣ мондааст. Ба андешаи таҳлилгарон, барои беҳсозии вазъ ва расидан ба тавозуни иқтисодӣ, Тоҷикистон имкон дорад содироти маҳсулоти рақобатпазир, бо сифати баланд ва дар бозор талаботдоштаро афзоиш диҳад. Густариши ҳамкорӣ дар бахшҳои кишоварзӣ, маъданкорӣ, саноати сабук ва коркарди маҳсулоти ватанӣ метавонад ба рушди мутақобилаи иқтисодӣ ва тавозуни манфиатҳо миёни ду кишвар заминаи устувор фароҳам оварад.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

АНДОЗ



# АНДОЗИ НАВИ АКСИЗ

**Аз 1-уми майи соли ҷорӣ барои нӯшокиҳои нерудиҳанда (энергетик) андози аксиз ҷорӣ мегардад. Мувофиқи он аз ҳар литри ин навъи нӯшокӣ 0,06 евро, ки тақрибан ба як сомонӣ баробар аст, маблағ ситонида мешавад.**

Вобаста ба ин, дар қарори Ҳукумати кишвар “Дар бораи меъёрҳои андози аксиз барои молҳои зераксизии дар Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва ба Тоҷикистон воридшаванда” тағйирот ворид гардид. Дар асоси он, миқдори пардохти андози аксиз барои як қатор молу маҳсулоти дигар ҳам зиёд мешавад. Аз ҷумла, барои оби ҷави ғайриспиртӣ, обҳои маъданӣ ва газдори ширин ё хушбӯйкунанда ва дигар нӯшокиҳои ғайриспиртӣ (ғайр аз шарбатҳои мева ё сабзавоти мавқеи молии 2009) андози аксиз 0,04 евро, баробари тақрибан 0,5 сомонӣ барои як литр муайян шудааст. Ин маблағ пештар 0,03 евро (0,36 сомонӣ) буд. Барои оби ҷави ғайриспиртӣ бошад, ин маблағ ба 0,40 евро, баробар ба тақрибан 5 сомонӣ хоҳад буд. Ин маблағ пештар 0,35 евро (бештар аз 4 сомонӣ) буд.

Барои 1 литри майҳои табиии ангур бошад, 0,84 евро, баробар ба 10 сомонӣ пешбинӣ мешавад, ки пештар 0,50 евро, яъне камубеш 6 сомонӣ буд. Ҳамчунин, меъёри андози аксиз барои спирти этилӣ ва шаробҳои дигари спиртӣ аз 3 то 4 евро (аз 36 сомонӣ то 49 сомонӣ) муайян гардидааст. Қаблан аз 2,5 (бештар аз 30 сомонӣ) то 3,5 евро (қариб 42 сомонӣ) буд.

МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

# АЗ ИВАЗИ ФАҲМИШ ТО ЗИНДАГИИ ШОИСТА

**Барои расидан ба зиндагии шоиста, чанд чизро бояд донист ва дар амал татбиқ кард. Устоди бизнес, муассиси мактаби “Оксфорд” дар Тоҷикистон Саидмурод Давлатов чанд омилро номбар кард.**



Аввал, фикронии худро дигар бояд кард. Агар дар фаҳмиш фақат норасой, яъне бепулӣ, камбағалӣ, мушкили зиндагӣ ва дигар фикрҳои нолозим бошанд, инсон муваффақ намешавад. Ба чунин тоифаи инсонҳо миллион доллар ҳам диҳед, боз дар ҳамон сатҳи пасти зиндагӣ қарор мегиранд. Чунки фундаменти майнаи сар карахту қолабӣ шуда мондааст. Яъне, он чӣ дар майнаи сари одам ҳаст, ҳосил ҳамон мебарояд. Ба дасти дилхоҳ одами камбағал 10 ҳазор доллар ҳам диҳед, фикр мекунед, ки 100 ҳазор доллар мекунад? 99 фоизаш ин корро карда наметавонад. Бинобар ин, инсон бояд аввал зеҳнро дигар кунад. Кор кардани пулро набояд ҳавас кард. Кор кардани пул осон аст. Фаҳмишро дигар кардан душвор аст. Зеро мушкил аст, ки одам худро ислоҳ кунаду дигар шавад. Баъзе одамон дурӯғ мегӯянду фиреб медиҳанд. Инро худашон хуб медонанд. Ҳазор маротиба шунидаанду аз китоб хондаанд, ки дурӯғгӯӣ торикии имон аст. Аммо боз ҳамон амалашонро идома медиҳанд. Баъзеҳо бадҷаҳланду забони тунд доранд, сабр надоранд, ғурурашон баланд аст. Бо андак гап оташ мегиранду боз пушаймон мешаванд. Имрӯз ҷамъият дигар шуда истодааст ва мо бояд фаҳмиши худро иваз намоем.

Дуюм, гирифтани илми молиявӣ. Вақте ки нуқтаи назар дигар шуд, одам ба илм ҳавас пайдо мекунад. Нақшаи хароҷот тартиб медиҳад ва ба куҷо сарф кардани пулро медонад. Яъне, аввал хароҷоти заруриро рӯйхат мекунад. Зимнан, хароҷот ҳам ду шакл мешавад: аз рӯйи хоҳиш ва зарурӣ. Хатои онҳое, ки қарздор мешаванд, маошро мегиранду ба қисмати аввали хароҷот бештар сарф мекунанд. Вақте ки пули иловагӣ монд, сипас аз пайи хостаҳо шавед.

Сеюм, баъд аз тақсими хароҷот нақшаи даромадро созед. Агар хароҷот дар як моҳ 2 ҳазор сомонӣ бошад, нақшаи даромадро ба 4-5 ҳазор сомонӣ тартиб диҳед. Агар диққат карда, аз паси мақсад равед, ҳамон чиз амалӣ мешавад. Албатта, дар як рӯз не, зина ба зина, сол ба сол иҷро мешавад.

Чорум, танзими хароҷоти оила низ хеле муҳим аст. Ин амалро бояд падар анҷом диҳад. Аммо хазина бояд ба дасти модар бошад. Ба шарте, ки модар малакаи истифодаи пулро донаду барбодкор набошад.



# ВАҚТЕ КИ

**(Аввалаш дар шумораи гузашта)**

### ШАҲРЕ, КИ МАКТАБ ШУД

Душанбе барои ҷавонони солҳои шастум саҳифаҳои нонавиштаи китобе буд, ки ҳар ташнаи илму маърифат мехост дар он бо нӯги қалам имзои орзухояшро гузорад.

Муродуллоҳ низ, чун Одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки замоне барои дарёфти ганҷинаи маърифат домони кӯҳҳои осмонбӯси Зарафшонро тарк карда, роҳи Бухороро пеш гирифта буд, ба сӯи Бухорои навбунёди тоҷикон - Душанбе рахсипор шуд.

> **“МАОРИФ ВА МАДАНИЯТ” ТАНҲО ЯК РӮЗНОМА НЕСТ - ИН САҲИФАИ БЕДОРИИ МИЛЛАТ АСТ.**
> **ОН РӮЗИ БАҲОРӢ НАВРӮЗ ЭҲЁ ШУД -**
> **НА ДАР САҲНИ ХОНАИ МАРДУМ,**
> **БАЛКИ ДАР САҲИФАИ РӮЗНОМА.**
> **ОН ЭҲЁ БО НОМИ ЯК ЗАНИ ҶАСУР- БӮРИНИСО БЕРДИЕВА ҲАМБАСТ БУД.**

Шаҳр ҳанӯз ҳамон шаҳри ормонҳо набуд. Сард, серодам, холӣ аз он гармие буд, ки хоси деҳоти кӯҳистон аст. Аммо ҳар гӯшае - китобхонае, маҳфиле, роҳрави донишгоҳҳои он имкони камолотро барои ҳар донишҷӯӣ фароҳам меовард.

Душанбе гӯё дафтари сафеди сарнавишти миллати тоҷик буд, ки ҷавонони мисли Муродуллоҳ бо қалами умед онро навишта, ба китобхонаи таърих месупориданд.

Муродуллоҳ ин китобро мехонд.

Муродуллоҳ ин китобро менавишт.

### ГӮШАИ ХЕШТАНШИНОСӢ

Шаҳрро пазируфтани ӯ падидаи ногаҳонӣ, ҳавою ҳавас набуд. Ӯ бо оромие, ки хоси кӯҳҳост, бо ҷавонмардие, ки пешаи мардуми деҳот аст, бо эҳсоси баланди масъулият ба Душанбе омад. Медонист, ки шояд аз ин интихоб муроди дил ба даст наояд, вале оғӯши шаҳр, муҳити он барояш ногузир буд.

Ҳамин тавр, соли 1963 вай қадами аввалин дар ҷодаи донишҷӯӣ гузошт. Донишҷӯе, ки на танҳо китоб мехонд, балки кашшофи маъӣ дар ҳар сатр, дар ҳар саҳифаи он буд.

Дар байни садоҳои баланд ва тӯдаи чеҳраҳои ношинос, як гӯшае - китобхонаи ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барояш кунҷи хештаншиносӣ гашт. Он ҷо то хомӯш гаштани чароғҳо менишаст, бо ганҷинаи маърифат мепайваст, китоб мехонд. Китоб барои ӯ на матн, балки майдони муҳовара буд - бо муаллиф, бо таърих, бо андеша, бо миллат.

### СУКУТ ДАР МИЁНИ САРУСАДОҲО

Дар он рӯзҳое, ки Душанбе ҳанӯз дар ормони худшиносии миллӣ нафас мекашид, дар кунҷи китобхонае, дар гӯшаи ором, аввалин мулоқот бо Ҳақназар Ғоиб сурат гирифт - ҷавоне бо нигоҳи ҷиддӣ ва шеърхое, ки гӯё аз решаҳои кӯҳистон об меҳӯрданд.

Он мулоқот сари як мизи гирд буд, ки баъдан рамзи давраи дӯстӣ, андеша ва афкори ҷавонтарин чеҳраҳои адабӣ гардид.

Аз он ҷо дӯстии ботинӣ оғоз шуд - на бо қарордод, балки бо хомӯшӣ, ҳамдигарфаҳмӣ.

Бо чеҳраҳое чун Лоиқ Шералӣ, Дорои Дӯст, Тошбой Бобоев, Ибод Файзуллоев, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ҷумъа Одина, Меҳмон Бахтӣ, Бахтиёр Муртазоев, Зиёбой Абдуев,Файзулло Ансорӣ... ва даҳҳо рӯшанфикре, ки ҳамагӣ барои як чиз гирд омада буданд: гуфтани он чӣ, ки бояд гуфта шавад.

### ЧОЙХОНАИ РОҲАТ

Ҷойе буд, ки гӯё пӯшида, вале равшан буд. Чойхонаи “Роҳат” - маконе, ки номаш оромӣ дошт, вале фазояш пур аз ҷӯшиши андеша, фарёди шеър ва илҳоми суруд буд.

Дар он ҷо дар паси мизҳо, сари катҳо, дар зери самовари доимо ҷӯшон овозхононе чун Одина Ҳошим, Ҷӯрабек Муродов, Зафар Нозимов сари мизҳо бо шоирон ҳамнафас мешуданд.

Дар гӯшае шоирон байтбарак мекарданд.

Дар кунҷе дигар, мӯйсафедон рӯи кат кабкбозӣ ва бедонабозӣ доштанд.

Онҳо шеър мехонданд, ӯ гӯш мекард.

Онҳо шеъру ҳикоя менавиштанд, ӯ саҳифаҳоро варақ мезад.

Онҳо суруд эҷод мекарданд, ӯ ғарқи дарёи таърих буд.

Ӯ, ки дар миёни ин ҳама ҷӯш ва сарусадо нишаста буд, сукут дошт -

на аз камбудӣ гуфтан, балки барои баёни андешаҳои ботин.

Ҳама медонистанд: дар сукути ин ҷавон чизе ҳаст, ки рӯзе сухан хоҳад шуд.

Он сукут на сукути хомӯшӣ, балки сукути омодагӣ буд.

Сукути як инсон, ки гӯш мекунад - то фардо чизе гӯяд, ки арзиш дошта бошад.

Душанбе майдони расидан ба орзуҳо, ҳадафҳо буд. Ҳар кӣ бо нияти поке меомад, онро меёфт.

Муродуллоҳ, ки бо оромии ботинӣ, вале бо неруи маънавии бузург вориди он шуда буд, оҳиста ба муҳити адабӣ роҳ ёфт. Аввал бо тарҷумаҳои ҳикоёт, сипас бо мақолаҳои фалсафию таърихӣ ва минбаъд бо ҳамкорӣ бо рӯзномаи “Маориф ва маданият” - нашрияе, ки дар он солҳо дар маркази чароёнҳои фарҳангии ҷумҳурӣ қарор дошт.

### МАКТАБИ БӮРИНИСО БЕРДИЕВА, ЗАНЕ, КИ ТАВОНИ САД МАРДРО ДОШТ

“Маориф ва маданият” рӯзномаи маъмулӣ набуд. Он минбари онҳое буд, ки сухан доштанд, вале минбар надоштанд. Дар саргаҳи он Бӯринисо Бердиева меистод. Зане, ки дилу гурда дошт.

Бердиева на танҳо сармуҳаррир, балки мактаб буд. Ӯ касеро намепазируфт, агар садои ботин надошт. Вале агар мепазируфт, аз ӯ мард месохт ва ба қаламаш ҷон мебахшид.

Муродуллоҳ мақолаи хоксоронае навишта буд. Онро бо дили ларзон ба идораи рӯзнома бурд. Бердиева матнро гирифт ва бо тамкине, ки танҳо хоси вай буд, гуфт:

- Агар воқеиятро навишта бошӣ, наметавонам рад кунам.

Ду рӯз пас мақола бо имзои “М. Шералиев” чоп шуд. Ин имзо бори аввал дар фазои иттилоотии ҷумҳурӣ садо дод.

Аз ҳамон рӯз, идора барои ӯ паноҳгоҳи андеша шуд. Ҳар мақола барояш на танҳо санҷиш, балки сабақ буд.

Бердиева мегуфт:

- Қалами бечуръат шамшерест дар банди ғилоф.

### ШАБИ ҚАРОРҲОИ ПУШТИ ДАРИ БАСТА

Ҳамон солҳо баҳсе дар ҷомеа боло мегирад. Наврӯз - суннате, ки муддатҳо канор гузошта шуда буд, ба меҳвари баҳсҳо бармегардад.

Боре садои Бӯринисо Берди-

# ҲАҚИҚАТ ТИР ХӮРД

ева дар чапираи маъмулии рӯзнома ғайримаъмулӣ садо дод:

- Наврӯз наздик аст. Мо бояд гӯем, ки он чист ва аз кучо сарчашма мегирад.

Сипас рӯ ба Ҷумъа Одина, Дорои Дӯст, Рӯзӣ Аҳмад, Бозор Собир ва Муродуллоҳ овард:

- Шумо менависед. Ман чоп мекунам.

Шумора омода шуд. Барои Комитети марказии Ҳизби коммунист (КМ) шумораи маъмулӣ таҳия гашт - бо мақолаҳое дар бораи пешравии соҳаи маориф, норасоии китобҳои фаннӣ ва гузориши ҷаласаи навбатии конференсияи партиявӣ. Матни эҳтиёткорона, суханони баркашида, бо забони сард - чизе ки ҳизб интизор дошт.

Ин шумораро, чун коида, барои тасдиқ ба КМ фиристоданд. Чанде пас мухри маълумии тасдиқ баргашт: “Шумора ба чоп иҷозат дода мешавад”.

Аммо шаби чоп, паси дари баста қароре дигар гирифта шуд. Он қарор на бо овози баланд, балки бо як нигоҳ, як ишора ва як ҷумлаи қатъии Бӯринисо Бердиева содир шуд:

- Наврӯз бояд чоп шавад.



### НАВРӮЗ БАРОЯШОН ТОРИКӢ БУД

Он рӯзҳо замоне буданд, ки ба ҳар офтобе, ки аз шарқ мебаромад, бо чашми шубҳа менигаристанд.

Наврӯз садсолаҳо рамзи эҳё, сабзиш, рӯшноӣ, барои коммунистони сурхи он замон танҳо як унсури боқимондаи замони торикӣ буд. Онро боқимондаи феодализм, нишонаи асримиёнагии зеҳн меномиданд. Гӯё таҷассумест аз як ҷаҳони гузашта, ки ба оянадаи “чомеаи нав”-и Шӯравӣ мувофиқ намеояд.

Онҳо Наврӯзро на ба мисли ҷашни нур, балки ба мисли соя медиданд.

Боре, дар миёни як маҷлиси ҳизбӣ, Ҷаббор Расулов - котиби якуми КМ Ҳизби коммунисти Тоҷикистон бо ишора ба нимпайкараи бузургони миллат, ки дар саҳни бино бо ифтихор қомат афрохта буданд, рӯ ба ҳайат овард. Чеҳрааш ҷиддӣ, овозаш бетафовут буд, вале ҳарфаш сангин:

- Инҳо чӣ лозим? Ин ришдорҳоро аз майдон бардоред...

Лабҳо хомӯш монданд. Касе чизе нагуфт.

“Ришдорҳо...” - мегуфт ӯ. Яъне Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Айнӣ. Яъне ҳамонҳое, ки миллатро аз хоб бедор карданд. Яъне ҳамонҳое, ки Наврӯзро на танҳо шеъру гул, балки рамзи худшиносӣ гардонида буданд.

Наврӯз, ки замоне бо савти булбулу гулҳои рангоранг дар қалби мардум зинда буд, он солҳо зери ғубори андешаҳои ботили онҳое пинҳон буд, ки мехостанд бедории миллиро аз лавҳи хотири мардум пок ва аз онҳо манқурт созанд.

**- ИНҲО ЧӢ ЛОЗИМ? ИН РИШДОРҲОРО АЗ МАЙДОН БАРДОРЕД... ЛАБҲО ХОМӮШ МОНДАНД. КАСЕ ЧИЗЕ НАГУФТ. “РИШДОРҲО...” - МЕГУФТ Ӯ. ЯЪНЕ РӮДАКӢ, ФИРДАВСӢ, АЙНӢ. ЯЪНЕ ҲАМОНҲОЕ, КИ МИЛЛАТРО АЗ ХОБ БЕДОР КАРДАНД. ЯЪНЕ ҲАМОНҲОЕ, КИ НАВРӮЗРО НА ТАНҲО ШЕЪРУ ГУЛ, БАЛКИ РАМЗИ ХУДШИНОСӢ ГАРДОНИДА БУДАНД.**

Наврӯз дар дафтари мактабҳо ёд намешуд.

Дар ҷашнҳои расмӣ ҷой надошт.

Дар шабнишиниҳои давлатӣ ҳатто шеъре аз шоирон хонда намешуд, ки дар он калимаи Наврӯз ҷой дошта бошад.

Онро мегуфтанд: “бозмонда”, “боздорандаи инқилоби фитрӣ”, “мероси қабилаҳо, хурофотпарастон”...

Онро мероси ниёгон ном намебурданд.

Наврӯз, ки гӯё танҳо дар офтоб, дар табассум, дар суруди деҳотиён боқӣ монда буд, акнун аз чашмҳо мерафт, аз забонҳо гум мешуд, аз китобҳо ҳазф мешуд.

Он замонҳо дар соя зиндагӣ мекард.

Вале Наврӯз ҳамон Наврӯз монд.

Аз дафтари расмӣ ронда шуд, вале дар дили мардум монд.

Аз рӯзномаҳо ҳазф шуд, вале дар шеъри Лоиқ ва дигар шоирони миллат зинда буд.

Аз ҷаласаи давлатӣ бардошта шуд, вале дар деги ош, дар сабзаи гандум, дар дили модари деҳотӣ дубора мешукуфт.

Наврӯз дар ҷое монд, ки ҳукумат фаромӯш карда буд: дар қалби мардум.

Ва он рӯз, ки “Маориф ва маданият” онро дубора чоп кард, гӯё ҷасорати як миллат баргашт. Наврӯз баргашт - на танҳо ҳамчун ҷашн, балки ҳамчун далел. Далели он ки: миллатро метавон хомӯш кард, вале хотираи онро - ҳаргиз.

### СУБҲЕ, КИ ТОҶИКИСТОН БЕДОР ШУД

Бо дастури Бӯринисо Бердиева, он шаб дар матбаа ба шумораи тасдиққардаи КМ, балки шумораи Наврӯзӣ чоп шуд.

Мақолаҳои таҳлилӣ, шеърҳои аз дил бархоста ва таърихе, ки солҳо аз хотира ронда шуда буд, рӯи саҳифа омаданд.

Он субҳ, ки рӯзнома нашр шуд, Душанбе як кӯдаки ҳайронро мемонд, кӯдаке, ки бори аввал номи модарашро мешунавад.

Дар хобгоҳу донишгоҳ, дар мағозаву китобхона, дар автобусҳо ва дар рӯи мизҳои чойхонаҳо, дар кӯчаю паскӯча - ҳама “Маориф ва маданият” мехонданд.

Он рӯз мардум на танҳо рӯзнома, балки ҳақиқатро варақ мезаданд.

Дар ҳар саҳифа
Таърих буд;
Ҳақиқат буд;
Озодии сухан буд.

Рӯзи дигар дари идораи рӯзномаро сахт заданд.

Ҳама хомӯш буданд. Ҳама медонистанд: намояндагони КМ омадаанд.

Бӯринисо Бердиева, мисли ҳамеша ором, дар курсии худ нишаста буд. Қатори китобҷаҳои зардшуда, як дафтари фарсудаи сафҳагузорӣ дошт.

- Шумо дастурро вайрон кардед,- гуфтанд.

- Не,- ҷавоб дод ӯ ором, вале бо қатъият,- ман қарзи виҷдонро иҷро кардам.

Фишор шиддат гирифт. Ҳушдор доданд, ки мумкин аст сармуҳаррир аз вазифа сабукдӯш гардад. Мумкин аст таҳти тафтиш қарор гирад.

Вале он рӯз - дар долонҳои хомӯш ва пурнуфуз як гурӯҳи чеҳраҳои маъруфи фарҳанг ҷамъ омаданд. Яке аз аввалинҳо Муродуллоҳ Шерализода буд. Бо чеҳраи ҷиддӣ, бо қаламе дар ҷайб ва бо оромие, ки ҳамеша дошт, гуфт:

- Агар имрӯз ин занро хомӯш кунанд, фардо дигар касе Наврӯзро ба забон нахоҳад гирифт.

Онҳо ба КМ нома навиштанд. Онҳо кам набуданд.

Зиёиёни маъруф, нависандагон, муаллимон - онҳое, ки медонистанд:

“Маориф ва маданият” танҳо як рӯзнома нест - ин саҳифаи бедории миллат аст.

Он рӯзи баҳорӣ Наврӯз эҳё шуд -
на дар саҳни хонаи мардум,
балки дар саҳифаи рӯзнома.

Он эҳё бо номи як зани ҷасур - Бӯринисо Бердиева ҳамбаст буд.

Муродуллоҳ Шерализода баъдтар дар ёддоштҳои худ менависад:

“Наврӯзро мо на бо шеър, бо ҷуръат зинда кардем.
Агар “Маориф ва маданият” хомӯш мешуд,
Наврӯз боз даҳсолаҳои дигар дар торикӣ мемонд”.

Он рӯз як лаҳзаи муҳими таърих буд.
На танҳо барои фарҳанг,
балки барои Муродуллоҳ - ҳамчун таърихнигор,
рӯзноманигор ва ҳамчун шаҳрванди масъул.
Вай дар муҳити “Маориф ва маданият” калон шуд -
на бо синну сол, балки бо шуур.

Омӯхт, ки сухан танҳо калима нест -
он масъулият аст. Вазифа аст. Садоқат аст.

Бердиева ҳар бор ба ӯ мегуфт:

- Ба ҳар калима масъул бош. Сари ҳар матлаб андеша кун.
Ва аз ҳама муҳим -
ба хомӯшӣ хиёнат макун.

Солҳо пас, вақте “Садои мардум”-ро роҳбарӣ мекард,
бастаи кӯҳнаи “Маориф ва маданият”
ҳанӯз дар гӯшаи мизаш буд.
Зардшуда, вале зинда.
Чун медонист:
он ҷо буд, ки қаламаш мисли шамшер шуд -
на барои задан, балки барои ҳифз кардан.

Ҳамин тавр, Душанбе барои ӯ танҳо шаҳр набуд.
Мактаб буд.
Минбар буд.
Саҷдагоҳе буд барои маърифат.

**(Давом дорад)**

**Шариф ҲАМДАМПУР**



Убайдулло Вализода:

# ҶИҲАТИ ИҶРОИ НАҚШАИ АНДОЗ КОРҲОИ МУҲИМРО АНҶОМ ДОДЕМ

**Сиёсати андоз ҳамчун яке аз омилҳои муҳими рушди иҷтимоиву иқтисодӣ барои рушди устувори иқтисодии кишвар бо роҳи фароҳам овардани фазои муносиби соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, таҳкими иқтидори саноативу содиротии кишвар, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, зиёд гардидани манбаъҳои нави андозбандӣ ва даромадҳои буҷети давлатӣ мусоидат менамояд. Дар ин замина, Нозироти андоз дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон ҷиҳати иҷроиши нақшаи андоз дар се моҳи аввали соли 2025 корҳои муҳимро анҷом додааст.**

## ИҶРОИ НАҚШАИ АНДОЗ

Бино ба иттилои сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Убайдулло Вализода, нақшаи андоз дар се моҳи соли 2025-ум 15726486 сомонӣ буда, иҷроиш 15782086 (100,0 фоиз) сомониро дар бар гирифтааст, ки маблағи зиёд воридгардида 55600 сомонӣ аст.

Нақшаи андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ дар се моҳи соли 2025-ум 2739888 сомонӣ буда, иҷроиш 3104827 сомонӣ (113,0 фоиз) таъмин гардидааст, ки маблағи зиёд воридгардида 364939 сомонӣ мебошад.

Нақшаи андози иҷтимоии буҷетӣ 7794216 сомонӣ муайян гардида, иҷроиш 8216222 сомонӣ (105,0 фоиз) таъмин шудааст, ки маблағи зиёд воридгардида 422006 сомонӣ аст.

Дар маҷмуъ, нақшаи ҷамъи андозҳо ва андози иҷтимоии буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ 26260590 сомонӣ буда, иҷроиш 27103135 сомонӣ (103,0 фоиз) таъмин гардидааст. Маблағи зиёд воридгардида 842545 сомониро ташкил медиҳад.

Бақияпулии умумии андоз ба ҳолати 1-уми январи соли 2025-ум 7681,6 сомонӣ ва ба ҳолати 1-уми апрели соли 2025-ум 7466,5 сомониро ташкил додааст, ки нисбати аввали сол 215,1 сомонӣ кам гардидааст.

## ШУМОРАИ АНДОЗСУПОРАНДАГОН

Дар ноҳия шахсони ҳуқуқӣ дар барномаи СИА 571 адад амалкунанда ба қайд гирифта шудаанд, аз он ҷумла кооперативи тиҷоратӣ - 167 адад, ҶДММ-ҳо - 133 адад, ҶДММ-ҳо бо РСБ - 52 адад, бонкҳо ва ФҚХ-ҳо - 7 адад, ассотсиатсияҳо - 10 адад, ташкилотҳои буҷетӣ - 111 адад, масҷидҳо - 5 адад, ташкилотҳои ҷамъиятӣ - 21 адад, филиал ва намояндагиҳо - 42 адад, иттифоқҳои касаба - 3 адад, ҳизб - 1 адад, корхонаҳои давлатӣ - 10 адад, дигар ташкилоту муассисаҳо 9 адад.

Соҳибкорони инфиродии тибқи петент ва шаҳодатнома фаъолиятбаранда 4449 адад, аз он ҷумла тибқи патент 415 адад, тибқи шаҳодатнома 322 адад, тибқи шаҳодатнома бо шартҳои махсус 763 адад ва хоҷагии деҳқонии инфиродӣ 2949 адад ба қайд гирифта шудаанд.

Дар нозироти андоз 22 адад супорандаи ААИ ба қайд гирифта шудаанд, ки ҳамаашон амалкунандаанд.

Соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда дар се моҳи соли 2025-ум 23 адад ба қайд гирифта шудаанд. Нақшаи патент дар се моҳи соли 2025-ум 581209 сомонӣ буда, 581805 сомонӣ (100,0 фоиз) бо фарқияти 596 сомонӣ зиёд ворид гардидааст.

Дар се моҳи соли 2025-ум шаҳодатномаи СИ 22 адад, шаҳодатнома бо шартҳои махсус 60 адад, хоҷагиҳои деҳқонӣ 33 адад ба қайд гирифта шудаанд.

## ҚАРОРҲОВУ ОГОҲИНОМАҲО

Дар самти чораҳои маҷбуран ситонидани андоз дар се моҳи соли 2025-ум 40 адад қарор ба маблағи 630,0 ҳазор сомонӣ қабул гардида, 293,8 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки 46,6 фоизро ташкил медиҳад.

64 адад протоколҳои ҷаримаҳои маъмурӣ ба маблағи 117450 сомонӣ тартиб дода шуда, 49325 сомонӣ воридот шудааст, ки 42,0 фоизро ташкил медиҳад.

Дар се моҳи соли 2025 ба 135 шахси ҳуқуқӣ ва 334 соҳибкори инфиродӣ ба маблағи 5090,1 ҳазор сомонӣ огоҳинома супорида шудааст, ки 416,6 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст.

## САНАДҲОИ КАМЕРАЛӢ ВА ХАРИДИ НАЗОРАТӢ

Дар се моҳи соли 2025 аз тарафи Нозироти андоз 11 маълумотномаи камералӣ ба маблағи 334,5 ҳазор сомонӣ ошкор карда шудааст.

Дар давоми се моҳи соли 2025-ум 17 адад хариди назоратӣ гузаронида шудааст. 17 адад протоколи маъмурӣ ба маблағи 46,5 сомонӣ тартиб дода шуда, 30,0 сомонӣ ворид гардидааст.

Дар се моҳи соли 2025 дар ноҳия 28 адад ДНХ, аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ 4 адад ва аз ҳисоби соҳибкорони инфиродӣ 24 адад ба қайд гирифта шудааст.

Дар се моҳи соли 2025-ум 7 адад муоинаи хронометражӣ гузаронида шудааст. Пеш аз муоинаи хронометражӣ ба маблағи 43,1 сомонӣ, баъд аз муоинаи хронометражӣ 109,7 сомонӣ маблағи иловагӣ ҳисоб шуда, 66,6 сомониро ташкил намудаву ба буҷет пурра пардохт карда шудааст.

## САНҶИШҲОИ АМАЛИЁТӢ

Дар давоми шаш моҳи соли 2023 аз тарафи кормандони нозироти андоз 2 адад санҷиши амалиётӣ гузаронида шудааст. 179 нуқта санҷида шуда, 23 андозсупоранда бо ҳуҷҷати соҳибкорӣ таъмин карда шуда, 14 адад протоколи маъмурӣ тартиб дода шудаву ба маблағи 45260 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ карда шудааст. 41 коргари кироя ба қайд гирифта шуда, музди меҳнати иловагӣ ба маблағи 56150 сомонӣ ҳисоб карда шудааст.

Дар натиҷа андозҳои иловагӣ ба маблағи 71448 сомонӣ ҳисоб карда шуда, ба буҷет ворид гардидааст.

## ИНВЕНТАРИЗАТСИЯ

Шумораи умумии андозсупорандагони молу мулк ба санаи 01.01.2025 дар ноҳия 33017 нафарро ташкил медиҳад. Дар се моҳи соли 2025 нисбати 1982 соҳибмулкон инвентаризатсия гузаронида шудааст, ки 6,0 фоизро ташкил менамояд. Дар барномаи компютерии СИА 1982 адад маълумотҳои соҳибмулкон ворид карда шудааст, ки 100 фоизро ташкил медиҳад.

Дар се моҳи соли 2025 шумораи иҷорадиҳии амвол 21 адад ба қайд гирифта шудааст, ки нисбати ҳамин даврai соли гузашта 12 адад зиёд мебошад.

Тавре сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Убайдулло Вализода зикр мекунад, «роҳбарият ва кормандони нозироти андози ноҳия аз тамоми захираю имкониятҳои мавҷуда истифода намуда, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки таъмини пардохти андозҳои давлатӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, дар пешбурди сиёсати андоз ва иҷтимоии давлат саҳми босазои хешро гузоранд ва иҷроиши сифатноки тамоми намудҳои андози давлатиро дар соли 2025 таъмин созанд».

**Машраби АЛОВИДДИН**



# 13,4 МЛН СОМОНӢ БАРҚАРОР ШУД

## Мусоҳиба бо прокурори ноҳияи Муъминобод Набӣ Набизода



**ҲОЛНОМА**

*Набизода Набӣ Мирзонаим дар гузашта ба ҳайси муфаттиши калони Прокуратураи ноҳияи Исмоили Сомонӣ, муфаттиши калони шуъбаи тафтиши парвандаҳои ҷиноятии махсусан муҳими Прокуратураи шаҳри Душанбе, муфаттиши калони Раёсати тафтиши парвандаҳои ҷиноятии махсусан муҳими Прокуратураи генералӣ, прокурори шаҳри Конибодом фаъолият намудаст. Мушовири адлияи дараҷаи I мебошад.*

**- Порсол дар ҷумҳурӣ «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон шуда буд. Аз нигоҳи шумо, то куҷо он муҳим буд ва чӣ натиҷа дод?**

- Масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии мардум ҳамеша зери таваҷҷуҳи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Аз ҷумла, ба таъкиди Сарвари давлат: “Мо бояд дар чаҳорчӯбаи Конститутсия ва қонунҳои амалкунандаи мамлакат зиндагӣ ва кору фаъолият карданро омӯзем ва риояи муқаррароти қонунро ба одати ҳатмӣ ва ҳаррӯзаи худ табдил диҳем”.

Воқеан, ба эҳтирому арҷгузорӣ сазовор будани Конститутсия дар он ифода меёбад, ки ин санади муҳим дар бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва барои зиндагии орому осоиштаи имрӯзаи мо нақши таърихию калидӣ дорад. “Соли маърифати ҳуқуқӣ” низ дар робита ба ҳамин ва 30-солагии рӯзи қабули Конститутсия эълон гардид. Ҳадаф аз ин ташаббус баланд бардоштани мақоми қонун, сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарбияи онҳо дар рӯҳияи эҳтиром нисбат ба қонун, таъмини волоияти қонун, оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ мебошад. Ягон ҳуқуқвайронкунӣ набояд ошкорнашуда боқӣ монад.

**- Волоияти қонун яке аз рукнҳои муҳими давлатдорист. Инро дар мисоли ноҳияи Муъминобод чӣ гуна шарҳ медодед?**

- Прокуратураи ноҳияи Муъминобод фаъолияти назоратии худро ба ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеа, бахусус ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд, назорати риояи қонунгузории замин, танзими анъана ва ҷашну маросим, ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, беҳтар намудани вазъи таҳқиқу тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ, барқарор намудани зарари молиявӣ, пешгирӣ ва мубориза ба ҷинояткорӣ равона намудааст.

Дар соли 2024 ба прокуратураи ноҳия 163 муроҷиати шахсони воқеӣ ворид гардид. Аз ин 106 муроҷиат аз рӯйи тобеият ба дигар мақомот фиристонида шуд.

Аз тарафи кормандони прокуратураи ноҳия дар ин давра 50 адад ё худ 30 фоиз муроҷиатҳо бевосита баррасӣ гардида, бо 39 адад ё 24 фоиз муроҷиатҳо талаботи қонун фаҳмонида, талаби 11 муроҷиат қонеъ карда шудааст.

Дар ин самт баҳри бартараф намудани қонунвайронкуниҳо 27 санадҳои эътиноии прокурорӣ бароварда, 16 амр, 5 пешниҳод ирсол гардида, 4 нафар ба ҷавобгарии интизомӣ ва 2 нафар ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд.

Дар самти назорати умумӣ 43 маротиба мавриди санҷиш қарор дода шуда, аз натиҷаи он 271 санадҳои эътиноии прокурорӣ қабул гардида, 72 амр дода шуда, барои бекор ва ба қонун мутобиқ намудани санад, фармон ва қарорҳои ғайриқонунии мақомот ва шахсони мансабдор 33 эътироз қабул карда шудааст. Ҷиҳати бартараф намудани қонунвайронкуниҳо ва сабабу шароитҳои ба онҳо мусоидаткарда ба мақомоту ташкилот ва шахсони мансабдор 26 пешниҳод ирсол карда, бо пешниҳод ва қарорҳои прокурор 25 нафар ба ҷавобгарии интизомӣ, 5 нафар ба ҷавобгарии моддӣ кашида шуда, нисбати 100 нафар парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз ва онҳо барои баррасӣ ба шахсони мансабдор ва мақомоти салоҳиятдор фиристонида шудаанд. Дар ин самт 10 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст.

Дар рафти санҷишҳо маблағи 13,4 млн сомонӣ зарар, ки ба манфиати корхона, ташкилот, муассиса, идораҳои давлатию ғайридавлатӣ ва шаҳрвандон расонида шудаанд, барқарор карда шуданд.

**- Дар бораи гурӯҳҳои ифротгарой, хатарҳои терроризм, экстремизм зиёд мегӯянд. Вазъ дар Муъминобод чӣ гуна аст?**

- Воқеан ҳам, терроризм ва экстремизм аз ҷиддитарин таҳдидҳои ҷаҳони муосир аст. Ин гурӯҳҳо амнияти инсоният, сулҳу субот ва истиқлоли давлатии кишварҳоро зери хатар мегузоранд.

Ҷалб намудани ҷавонон ба таълимоти ғайрирасмии динӣ дар хориҷи кишвар яке аз марҳилаҳои ибтидоии шомил намудани онҳо ба ташкилотҳои экстремистию террористӣ мебошад.

Дар соли 2024 аз ҷониби прокуратураи ноҳия 1 ҳолати таълими ғайриқонунии динӣ ошкор карда шуд. Чунончи, Исмоилова Адолат Гадомадовна моҳи октябри соли 2023 дар манзили зисти худ, воқеъ дар ноҳияи Муъминобод, ҷамоати деҳоти Ш. Шоҳин, деҳаи Чашмасор таълимоти ғайриқонунии диниро ба роҳ мондааст. Номбурда ба ноболиғон Абосиева Н. А., Латифова Х. С. ва Зарифзода Г. Н. аз китоби динии «Қоидаҳои Бағдодӣ» бо забони арабӣ таълим медод.

12-уми августи соли 2024 нисбати Исмоилова А. Г. бо моддаи 474 (2) қ.1 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шуда, барои баррасӣ ба суди ноҳия ирсол ва санади сазовори судӣ қабул гардид.

**Нурулло ҲАСАНОВ,**
**рӯзноманигор**

## ДУЗДИИ ҒАЙРИОДӢ

**Раёсати ВКД дар Хатлон аз боздошти ду ҷавон хабар дод, ки “бо роҳу усулҳои нави ҷиноӣ” ба дуздӣ даст задаанд. Онҳо “пулҳои 100-сомонаи бо “скотч” печонидашударо ба терминалҳо ворид карда, баъди гузаштани маблағ ба суратҳисоб пулҳои бо скотч басташударо ба қафо кашида мегирифтаанд”.**



Боздоштшудаҳо, ки Тошпулотов Сафаралӣ ва Куганов Алимурод ном доранд, ба он гумонбаранд, ки “ба ин васила, тариқи электронӣ аз махзани терминалҳо дар умум 21 ҳазору 474 сомониро тасарруф кардаву аз ҷойи ҳодиса ғайб задаанд”.

Гуфта мешавад, ки нисбати онҳо бо моддаи 244, қисми 2 КҶ ҶТ парванда боз шудааст. Ин банди қонун то 5 соли зиндонро пешбинӣ мекунад.

## ЧАРО ВОЛИДАЙН КӮДАКОНРО БАСТАНД?



**19-уми апрел дар шабакаҳои иҷтимоӣ наворе паҳн шуд, ки дар он дида мешавад, ду кӯдаки хурдсол дар хона беназорат монда, якеашон дар гаҳвора ва дигаре бо ресмон баста шудааст.**

Дар ин навор нафаре, ки худро ҳамшираи тиббии маҳалла муаррифӣ кардааст, мегӯяд, волидайни ин ду ноболиғ онҳоро баста, ба кор меравbelieve ва онҳо дар идораи нигоҳдории роҳ (ДЭУ) кор мекунанд.

Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе таъҷилан ба ин навор вокуниш нишон дод.

Муайян гардид, ки волидайни кӯдакон Менгибаев Нуралихон (соли таваллудаш 1967) ва Қурбонова Шаҳноза (соли таваллудаш 1993) мебошанд. Номбурдагон кӯдаконро дар манзили истиқоматиашон воқеъ дар кӯчаи Н. Қарабоев беназорат гузошта, барои тарбияи наврасон бемасъулиятӣ зоҳир намудаанд.

“Бо назардошти ҳолати воқеии вазъи зиндагонии номбурдагон кормандони милитсияи пойтахт бо онҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ баргузор намуда, дар доираи талаботи қонунгузорӣ чораҳои дахлдор андешида хоҳад шуд”,- омадааст дар хабари ВКД.

## ДУЗДИИ ПУЛИ БАРҚ СЕ НАФАРРО ПУШТИ ПАНҶАРА БУРД

**ВКД ҳафтаи равон аз боздошт ва боз кардани парвандаи ҷиноятӣ алайҳи се корманди шабакаҳои барқи ноҳияҳои Ҷалолиддини Балхӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ хабар дод.**



Ба иттилои манбаъ, корманди боздоштшудаи шабакаҳои барқи Ҷалолиддини Балхӣ сокини 46-солаи ноҳияи Кӯшониён буда, “давоми солҳои 2024 ва 2025-ум 58 ҳазору 750 сомонӣ маблағи барқро аз аҳолӣ ҷамъоварӣ карда, танҳо 8 ҳазору 797 сомониашро ба суратҳисоби ташкилоти барқ гузаронида, боқимондаро азхуд ва ба эҳтиёҷоти шахсиаш сарф кардааст”.

Ду корманди дигари шабакаҳои барқи ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, яке роҳбари тиҷоратӣ ва дигарӣ нозир буда, дар солҳои 2024-2025 “аз 68 нафар муштарӣ 70 ҳазору 661 сомонӣ барои истифодаи қувваи барқ ҷамъоварӣ карда, танҳо 38 ҳазору 366 сомониро ба суратҳисоби шабакаҳои тақсимоти барқ гузаронида, боқимондаро ба манфиати шахсиашон сарф кардаанд”.

Гуфта мешавад, ки алайҳи гумонбаршавандаҳо тибқи моддаи 245, қисми 2-и Кодекси ҷиноятӣ парванда боз шуда, тафтишот идома дорад. Ин банди қонунгузорӣ то 6 соли зиндон ҷазоро пешбинӣ мекунад.



# ЧОРМАҒЗ КАЛШАВИРО ПЕШГИРӢ МЕКУНАД

**Чормағз барои саломатӣ ва зебоии инсон хеле зарур аст. Ҳар рӯз як каф чормағз хӯред, саломатиятон беҳтар мешавад. Чормағз ба майнаи сар монанд аст.**

Дар таркиби он селен - минерали барои организми мо зарурӣ мавҷуд буда, барои нафароне, ки аз рехтани мӯй ва кал шудан азият мекашанд, фоидаовар аст. Истеъмоли ҳаррӯзаи чормағз ҳуҷайраҳои майнаи сарро аз пиршавӣ муҳофизат мекунад. Агар шумо вазн партофтан хоҳед, чипсҳои равғанинро бо чормағз иваз кунед. Чормағз манбаи моддаҳои зиёде мебошад, ки организм ба он ниёз дорад, вале агар шумо экзема ва захм (язва) дошта бошед, дар истеъмоли чормағз эҳтиёт шавед.

Илова бар ин, чормағз манбаи кислотаи фолий ва калсий мебошад. Коршиносон мегӯянд, ки агар дар як рӯз 2 дона чормағз бихӯред, хотираи шумо ба таври назаррас беҳтар мешавад. Истеъмоли 4 дона чормағз ба организм қувват мебахшад, иммунитет баланд ва кори ҳуҷайраҳо беҳтар мегардад.

**Панкреатит яке аз бемориҳоест, ки нафарони зиёд аз он азият мекашанд. Табиби мардумӣ Садриддиншоҳ Насриддиншоев барои табобати ин бемории бо гиёҳҳои шифобахш роҳҳои муолиҷа пешниҳод мекунад, ки ҳам арзонанду ҳам дастрас.**

# ПАНКРЕАТИТ

## Се роҳи табобат аз табиби мардумӣ Садриддиншоҳ Насриддиншоев



**ТАЪКИД:** *Ба парҳез риоя кунед! Фаромӯш накунед, ки шарти муҳимтарини шифоёбии гирифторони бемории панкреатит - ин парҳез мебошад. Хоҳед, ки зудтар аз ин беморӣ халос шавед, аз истеъмоли хӯрокҳои сахти дерҳазмшаванда, серравған, тез, тунд ва равғани ҳайвонот худдорӣ намоед.*

1. Даво аз ҷавдор. Ду қошуқ ҷавдорро муддате дар об тар карда, баъдан дар ҳован (уғурак) кӯбед ва дар ним литр об муддати 10 дақиқа ҷӯшонед. Пас аз хунук шуданаш онро полонда, рӯзе се маротиба нимпиёлагӣ, ним соат пеш аз хӯрок нӯши ҷон намоед.

2. Давои гиёҳӣ аз зелол ва газна. Реша ё пӯсти решаи зелол, бӯймодарони дуруштбарг, момирон, газна ва чаг-чағ - аз ҳар яки ин гиёҳҳо яккошуқӣ гирифта, ба термос андозед ва аз болояш як литр оби ҷӯш рехта, даҳонашро маҳкам кунед. Ду соат пас дору тайёр мешавад. Онро ҳар рӯз ба анзодаи 50-грамӣ пеш аз хӯрок нӯшидан лозим аст.

3. Даво аз пудинаи боғӣ ва чоқла. Дар кишвари мо чоқла хеле зиёд мерӯяд. Чанд решаи чоқларо кӯфта, орд кунед. Ба як қошуқи он як қошуқи пӯсти лубиё, гулу барги газна, пудинаи боғӣ, гули ҳамешабаҳор ва бобунаро илова кунед ва ҳамаашро ба термос андохта, аз болояш оби ҷӯшида резеду даҳони зарфро маҳкам карда, як-ду соат нигоҳ доред. Ин даворо ҳар рӯз якпиёлагӣ нӯшидан лозим аст.

# 7 ЗАРАРИ ТЕЛЕФОНБОЗӢ

**Шумо асири телефони мобилии худ гаштаед? Шаб то дер дар ҷойгаҳи хоб телефонбозӣ мекунед? Бояд донед, ки ин амал ба солимии шумо хатар дорад. Аз 7 зарари ин одат шуморо огоҳ мекунем.**



1. Мавҷи кабуди мониторӣ телефон ҳангоми чароғи кушта ба хушкшавии майнаи сар сабаб гашта метавонад.

2. Шабона телефонбозӣ кардан нури чашмонро хира месозад.

3. Фаслҳои шабонарӯзии организми инсон, яъне ритмҳои сиркадиро, ки 24 соат давомнокӣ дошта, амалҳои асосии баданро таъмин мекунад, вайрон карда, боиси гирифтор шудан ба бехобӣ ва ташаннуҷи асаб мегардад.

4. Кас хотирпарешон шуда, дар натиҷа аз фаромӯшхотирӣ азият мекашад.

5. Телефони мобилӣ неруро мегирад ва баъди телефонбозии дуру дарози шабона субҳ одам худро бениҳоят хаставу бемадор эҳсос мекунад.

6. Шахсоне, ки бе телефон зиста наметавонанд, ба пурхӯрӣ гирифтор шуда, баданашон равған мегирад ва бо мушкилоти фарбеҳӣ рӯ ба рӯ мегарданд.

7. Агар ҷисми инсон ба таври зарурӣ фароғати шабона надошта бошад, бо мурури замон системаи муҳофизатии организм, яъне иммунитеташ заиф мегардад.

# Толеънома


**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

Бояд тамоми кӯшишро ба он равона созед, ки эҳсосоти манфӣ ва хашмро идора намоед, бахусус нисбати дӯстдоштаи худ. Қаҳру ғазабро беҳтараш тавассути варзиш бароред. Беҳтар аст мулоқотҳои ошиқона то рӯзи ҷумъа баргузор шаванд.


**Савр**
**21.04 - 21.05**

Бо ҳамкорон муносибатҳои худро вайрон накунед. Бояд аз маҷбур кардани дигарон ба қабул кардани назари худ худдорӣ намоед. Саврҳое, ки фарзандони хурдсол доранд, бояд ба тарбия диққати бештар зоҳир намоянд.


**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

Агар шумо хашм ва худписандиро идора карда тавонед, ба натиҷаҳои назаррас ноил мегардед. Барои онҳое, ки ҳадафҳои нави ҷасурона гузоштаанд, шояд имконияти тағйири ҷойи зист ё кори нав пайдо шавад. Соҳибкорон пешниҳоди хубу кори даромаднок пайдо мекунанд.


**Саратон**
**22.06 - 23.07**

Бояд аз баён кардани назари худ дар масъалаҳои баҳсбарангез худдорӣ кунед, то муносибатҳои хуб бо атрофиёнро ҳифз намоед. Дар ин давра бояд аз хароҷоти аз ҳад зиёд худдорӣ намоед. Чунин амалиёт метавонад ба талафоти ҷуброннопазир оварда расонад.


**Асад**
**23.07 - 22.08**

Асадҳо ба марҳилаи пур аз хатар ва ноустуворӣ ворид мешаванд. Эҳтимол аст, ки бо наздикон, ҳамкорон ва ҳатто роҳбарияти корхонаатон ихтилоф ба вуҷуд ояд. Хеле муҳим аст, ки бо сабру таҳаммул, ҳушёрӣ ва интизом амал кунед.


**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Сунбулаҳо мекӯшанд, ки бо истифода аз фишори равонӣ ва роҳҳои ғайримустақим ба ҳадафҳояшон расанд. Дар муҳити корӣ таваҷҷуҳи бештар аз ҷониби ҷинси муқобил эҳсос мешавад. Аз шамол хӯрдан эҳтиёт шавед. Ҳоло вақти яхмосхӯрӣ нест.


**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Мизонҳо бояд бо истифода аз хислатҳои зотии худ - дипломатия, эҳтиром ва сабру тамкин тамоми ҳафтаро паси сар намоянд. Ин усул ба онҳо имкон медиҳад, ки муносибатҳои хубро нигоҳ доранд, ҳарчанд дар ботин эҳсоси шубҳа ва ихтилоф ба миён меояд.


**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

Зодагони муҷали ақраб бештари вақтро сарфи масъалаҳои корӣ мекунанд ва ишқу муҳаббатро ба фардо мегузоранд. Бо чунин рафтор шумо ба зудӣ танҳо мемонед. Нимаи дуюми ҳафта имкониятҳои хуб барои беҳтар сохтани вазъи молиявӣ пайдо мешаванд.


**Қавс**
**25.11 - 21.12**

Қавсҳо бояд фикри худро бо эҳтиёт нигоҳ доранд ва аз иштирок дар баҳсҳо худдорӣ намоянд. Барои сафари дур беҳтар аст интизор шаванд ва онро ба нимаи дуюми ҳафта гузоранд. Хароҷот барои дилхушӣ ва харидҳои беасос манфиат намеорад.


**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

Бояд барои ҳафтаи пур аз рӯйдодҳо ва эҳсосоти мухталиф омода бошед. Нимаи аввали ҳафта метавонад аз сабаби асабоният ва изтироб пурпечутоб бошад. Нимаи дуюми ҳафта шароит барои пешрафти касбӣ ва молӣ беҳтар мешавад.


**Далв**
**21.01 - 19.02**

Шумо аз он бурд мекунед, ки дар муносибат бо дигарон фосилаи муайянро нигоҳ медоред. Дохил шудан ба мушкилоти дигарон ва додани маслиҳатҳои зиёдатӣ метавонад зараровар бошад. Бояд неруи худро ба рушду таълим ва беҳбуди фаъолияти касбӣ равона созед.


**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

Ҳутҳо дар давоми ҳафта эҳсоси хастагии равонӣ мекунанд, ҳарчанд вазифаҳои худро иҷро мекунанд. Ҳиссиёти манфӣ, пессимизм ва ҳолати нохуб метавонанд шуморо одамгурез кунанд. Шояд эродҳои ноҷо аз ҷониби наздикон рӯҳиятонро заиф созанд.

# МАСТОНИ СУХАНВАР

## ба ифтихори 90-солагии шоир



**(Идома аз шумораи гузашта)**

Ҳамон «дӯстҳо» ба Кумитаи Марказӣ борҳо аризаи беимзо навиштанд, ки Мастон Шералӣ аз вазифааш истифода карда, китобҳояшро бо теъдоди зиёд нашр мекунад...

Чил сол муқаддам дар тарабхонаи «Душанбе», ки он солҳо шуҳрати зиёд дошт, хатнатӯйи писари устод баргузор мегардад. Гули сари сабади ҷумҳурӣ, бузургоне чун устодон Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Мирсаид Миршакар ва дигарон меҳмонони оликадри базми оншаба буданд.

Яке аз чунин «дӯст»-ҳо обод кардани маъракаи оншабаро ба уҳда гирифта буд.

Тӯй оғоз мешавад, вале аз хофиз дараке нест. Маълум, ки ҷои серпултаре рафтааст. Устод Мастон дар ҳолати ногувор мемонад. Аллома Турсунзода, ки аз овози хуш доштани соҳибтӯй бохабар буданд, ин ҳолати ӯро пай бурда, бо лабони пур аз табассум аз ҷо хеста мегӯянд:

- Мо шоирон набошем, ин хофизони тӯйгард шеъри киро мехонанд? Дар ин ҷо тамоми шоирони маъруфи ҷумҳурӣ ҳозиранд. Наход, ки як тӯйро обод карда натавонем. Ҳамаамон ба навбат шеър мехонем, Мастонҷон тарона мехонанд.

Шоҳидон қисса мекунанд, ки аз ин суханони устод Мирзо Турсунзода Мастон болу пар гирифт ва овози ширадораш боз ҳам гиротар шуд. Ба шарофати устод Турсунзода як базми шоиронае шуд, ки то ҳол назирашро надидаем...

***

Мастону Қутбӣ Киром, ки ҳар ду аз шоирони пештози замони худ махсуб мешуданд, дӯстони наздик буданд. Бо ҳам базлагӯӣ ва шӯхиҳои аҷиб мекарданд.

Дар он айём Мастон мудири шуъбаи рӯзномаи "Маориф ва маданият" буд ва Қутбӣ дар нашриёти "Ирфон" ифои вазифа дошт. Боре Мастон аз Қутбӣ пул қарз мегирад. Пас аз муддате Қутбӣ ба хотири рӯёндани қарзаш ба идораи рӯзномаи "Маориф ва маданият" меояд. Вале Мастонро пайдо карда наметавонад. Бори дуюм низ чунин ҳолат рух медиҳад. Чун бори сеюм Қутбӣ муваффақ намешавад, ки Мастонро дар дафтари кориаш пайдо бикунад, аз болои мизи кории ӯ варақеро мегираду чунин менависад:

*Рӯёндани қарзам зи Мастон буд орзу,*
*Афсӯс, ки ин орзу бар гӯр мебарам.*

Пас аз як моҳи дигар Қутбӣ боз ба суроғи дӯсташ меояд. Вале чун ҳардафъаина мизи кории дӯсташ холӣ, аммо дар зери навиштаи ӯ Мастон чунин посух дода буд.

Қабл аз он ки нигоштаи Мастонро биоварам, бояд зикр кунам, ки устод Қутбӣ Киром дар тори сар як мӯй ҳам надошт, яъне тоссар буд. Мастон ҳам ҳамин нуктаро ба назар гирифта нигошта буд:

*"Ин ба он монад, ки Қутбӣ кокулафшонӣ кунад!".*

*- Вақте,- мегӯяд шодравон Сарвар Амирҷон, ки ходими адабии шуъбаи рӯзномаи мазкур буд,- Қутбӣ ин мисраи Мастонро хонд, ҳар ду дастонашро бар сар зада, гуфт:*

*- Ваҳ, рӯм сиёҳ, Мастон воқеан ҳам шоири фавқулода будааст. Ба хотири ҳамин шоҳмисра ман аз бахри қарзам гузаштам.*

*Вале баъд аз як ҳафта Мастон дӯсташро дар дафтари кориаш ғофилгир карда, қарзашро бармегардонад.*

*Қутбӣ пулро гирифта, мегӯяд:*

*- Гапи мард яктост. Ин шоҳмисраро бояд шуст... Ва ҳар ду дӯст роҳи тарабхонаро пеш мегиранд...*

***

Устод Мастон як бародар ва панҷ хоҳар дошт, ки онҳо ба ҷонаш бародар буданд. Бо амри тақдир бародараш Султоналӣ ниҳоят барвақт аз олам гузашт, ки устод ба ёди ӯ пинҳонӣ месӯхту месӯхт. Ва дар яке аз шеърҳои вопасинаш, ки «Даравгарҳо» ном дорад, ин сӯзи худро рӯи коғаз овард:

*... Ба гардун дида доси моҳи навро,*
*Дами доси шумо меоядам ёд.*
*Маро доси шумо ёрирасон буд,*
*Зи доси осмон фарёд, фарёд...*

*Чу як фарди шумо ҷолоку бебок*
*Даравгар як бародар доштам ман,*
*Ба гил он сон, ки деҳқон дона мекошт,*
*Ба дил меҳри варо мекоштам ман.*

*Умедаш норасида, дон набаста*
*Варо доси фалак бидруд аз хок...*
*Чу наҷме бар сарам як лаҳза тобид,*
*Ниҳон шуд дар бари домони афлок...*

Боре бо хоҳари аз ҳама хурдии устод Мастон - Зулайхо ҳамсуҳбат шудам. Чун аз бародари маъруфаш ёдовар шудам, оби дида кард ва сипас лаб ба ҳасрат кушуд:

- Мо панҷ хоҳарон будему як Мастонҷон. Ҳар вакт, ки меомаданд, ба гирдашон ҳалқа мешудему мегуфтем, ки шамоли хунук биёяд ба рӯи мо занаду ба шумо нарасад. Худо умри моро ба шумо диҳад.

- Ин тур нагӯетон, Худо бо ҳар кас чи қадар, ки умр додааст, ҳамон қадар зиндагӣ мекунад, мегуфтанд.

Вақте модарам мурданд, омаданд, якҷоя гиристему гуфтем, ки акнун акоҷон аз мо зуд - зуд хабар гиред. Сӯямон назар карданду бо чашмони ашколуд:

- Ҳамаамон ба навбат хамонсӯ меравем,- гуфтанду шеър хонданд:

*Ҷони ҷону ҷони ҷонам модарам,*
*Хонаи ҳар ду ҷаҳонам модарам,*
*Кам нагардад ҷазбаи меҳрат ба хок,*
*Оқибат сӯят равонам модарам.*

Сад дареғ, ки дар синни 52-солагиашон ба орзуяшон нарасида, аз олам рафтанд....

**Карим МӮСО,**
**нависанда**

## МАВЛУДНОМА

### 24 АПРЕЛ

**Шарифбек Азизӣ** (1955), 70-солагии зодрӯзи нависанда.

**Бобоҷон Бобохонов** (1945), 80-солагии зодрӯзи арбоби маъмурӣ, генерал-полковники адлия.

**Қурбон Одинамадов** (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Шариф Раҷабов (1900-1938), 125-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбию давлатӣ.

**Рафиқ Ҳасанов** (1930-1992), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Владислав Стисенко** (1935-2006), 90-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор, узви вобастаи АМИТ.

**Мирзоқаюм Ҷамолов** (1930-1997), 95-солагии зодрӯзи муаррих.

### 25 АПРЕЛ

**Сулаймон Алиев** (1945-2021), 80-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ, профессор.

**Абдулло Ғаффоров** (1940-2016), 85-солагии зодрӯзи коргардони телевизион, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**Абдураҳим Ҳоҷибоев** (1900-1938), 125-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

**Саломиддин Шарофов** (1940-2003), 85-солагии зодрӯзи арбоби давлатию маъмурӣ, генерал-лейтенанти адлия, доктори илми ҳуқуқ, профессор.

### 26 АПРЕЛ

**Абдуҷалил Дӯстматов** (1930), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Қосим Комилов** (1945), 80-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Одина Нуриддин** (1940), 85-солагии зодрӯзи шоир.

### 27 АПРЕЛ

**Илёс Низомиддинов** (1930), 95-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

**Шермуҳаммад Ҳабибов** (1950), 75-солагии зодрӯзи мусиқишинос.

### 28 АПРЕЛ

**Сироҷ Воҳидов** (1925-2002), 100-солагии зодрӯзи журналист.

**Фароғат Искандарова** (1955), 70-солагии зодрӯзи забоншинос.

**Александр Ҳайзер** (1955), 70-солагии зодрӯзи адабиётшинос (тоҷикӣ, немисӣ).

**Қиёмиддин Чақалов** (1945), 80-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

### 29 АПРЕЛ

**Пирмат Бойматов** (1910-1984), 115-солагии зодрӯзи Ҳофизи халқии Тоҷикистон.

**Олимҷон Ғаффоров** (1955), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Анвар Сулаймонов** (1940-2006), 85-солагии зодрӯзи наттоқи телевизион, журналист.

### 30 АПРЕЛ

**Анвар Аҳмадов** (1930), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Рӯзӣ Аҳмадов** (1935), 90-солагии зодрӯзи фолклоршинос, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Қиматшо Имматшоев** (1930-1972), 95-солагии зодрӯзи ҳунарманди театру кино, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Эгам Шералиев** (1955), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Аттестати синфи 11 Т-ШТУ №0323628, ба номи Хоҷаев Амирхоҷа Асулхоҷаевич, ки соли 2010 аз ҷониби МТМУ №3-и ноҳияи Дарвоз дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши бинои истиқоматӣ, литери хонаи истиқоматӣ тахти фехристи №1ш-1428 аз 10.12.2010, ба номи Олимов Зафар Музафарович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи А. Дониш 58а, ҳ. 1, 2, 3, литери 3-1/сб, ки дар нотариуси давлатии Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, №0654056, ба номи Раҳмонов Шоҳрух Абдуқаҳорович, ки соли 2019 аз ҷониби МТМУ №100-и ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи №826 ба номи Ғайбуллоева Раҳимахон Акбарҷоновна, ки санаи 14.06.2018 аз ҷониби ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯ ба номи Урозов Шамшод Дилшодович, ки соли 2023 аз ҷониби ДБССТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ тахти феҳрасти рақами 8Д-3868 аз 27.08.2003 сол дар идораи нотариалии давлатии н. Сино ба номи Пирова Ханифа бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Деҳи Боло ва шиносномаи техникии хонаи истиқоматии мазкур бинобар сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, A02258442, ба номи Ёрова Сайёра Насимовна, ки санаи 24.07.2019 аз ШВКД-1 ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Бобокалонова Нилуфар Илхомовна, РЯМ: 3500000114559, РМА: 015576275, ки аз Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Толибов Муминчон Тагоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Дружба Народов, б 19, ҳ. 12, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, A00863565, ба номи Ёрова Оимхол Гадоевна, ки соли 2021 аз ҷониби ШВКД ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9, Т-АТА №0043593, ба номи Муминова Миҷгона Табаровна, ки санаи 01.07.2014 аз ҷониби МТМУ №50-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Муҳри ҶДММ "Лекарь", РЯМ: 0410003770, РМА: 040012144, соли гирифтанаш 2001, санаи гум шуданаш 18.04.2025, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯш ба номи Киромова Нодира Баҳромовна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Н. Муҳаммад 1/4, хонаи 12, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи синфи 8, №395902, ба номи Файзалиев Комилҷон Маҳмадалиевич, ки соли 1989 аз ҷониби МТМУ №73-и ноҳияи Сино (собиқ Рӯдакӣ) дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ТС №0036440, рақами қайд №599, ба номи Талбаков Амиршо Акрамшоевич, ки санаи 27.06.2000 аз ДДМТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, A01841428, ба номи Мироджова Ситора Гиёсудиновна, ки санаи 18.04.2019 аз ШВКД-1 ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи силсилаи ДМБ 0085542, бо рақами қайди 9306, ки онро соли 2017 Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат ба Одинаева Нигор Абдулфаттоҳовна додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ ба номи Ҷабирова Саида Нуралиевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи 2, гузаргоҳи Б. Ғафуров, хонаи 7, ҳ. 9, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин Дараҷаи А №0383977, аз 08.05.2013, рақами қайд №Б-14901, ба номи Олимов Зафар Музафарович, бо суроғаи ш. Ҳисор, ҷ/д Ҳисор, Кумитаи заминсозии ноҳияи Ҳисор, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи гумшуда тахти №AN528110 оид ба ҳуқуқи имтиёзҳо, ки аз тарафи Коммиссариати ҳарбии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Сайёдов Имомали Дӯсталиевич дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш эътибор надорад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Киромова Нодира Бахромовна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Н. Муҳаммад 1/4, хонаи 12, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Ҷумаева Гулчеҳра Ҳусейновна, РМА: 015640993, ки соли 2021 аз Нозироти андоз дар ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Олимов Зафар Музафарович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи А. Дониш 58а-7, аз 14.12.2010, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №1171073 ба номи Мабаткулова Самрина Фарруховна, ки соли 2023 аз ҷониби МТМУ №54-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлӣ ба номи Муллоҷанова Меҳриниссо Разыковна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи 5, гузаргоҳи С. Р. Афардӣ, хонаи 24Б, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Шиносномаи техникӣ, феҳрист №1654, ба номи Давлятова Зебинисо Мирзошарифовна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Ҳусейнзода 22, ҳ. 6, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Ҷалилов Сиёвуш Нуриддинович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Абай, хонаи 38, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатномаи ба номи Шерова Хувайда, РЯМ: 0730183355, РМА: 075473709, аз 01.11.2018, ки аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Нафт КА", РЯМ: 0710010263, РМА: 070017218, ки аз 09.08.2019 дар Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии "Джахон", РЯМ: 0710005524, РМА: 070004119, ки аз 29.06.2010 дар Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии «Чорбоғ С», РЯМ: 3310007782, РМА: 33001440, дар н. Ҷ. Балхӣ барҳам мехӯрад.

► ҶДММ "Насли Замон", РЯМ: 0710013022, РМА: 070020091, ки аз 16.01.2025 дар Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

## JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

**UNDP Tajikistan is seeking to recruit:**

- **Project Coordinator, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 25902/National Personnel Services Agreement/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 6 May 2025, 23:59 New York time.**

- **Knowledge Management Assistant, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 25877 /National Personnel Services Agreement/NPSA-5); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 6 May 2025, 23:59 New York time.**

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

## ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

# ДАВРИ ШАШУМ ДАВРИ МУСОВӢ ВА ПИРӮЗИИ МЕҲМОНОН БУД

**Дар даври шашуми Лигаи олии Чемпионати футболи Тоҷикистон се мусовӣ ва се пирӯзӣ ба қайд гирифта шуда, ҳамаи мусовиҳо бо ҳисоби якхела ва ҳамаи пирӯзиҳо бо бартарии як гол буданд.**

Бозии даври 6-уми Лигаи олӣ миёни дастаҳои "Хулбук" ва "Хуҷанд" дар варзишгоҳи "Кӯлоб-Арена"-и шаҳри Кӯлоб баргузор шуда, бо ҳисоби 2:1 ба фоидаи меҳмонон хотима ёфт. Ин пирӯзии сеюми пайиҳам барои "Хуҷанд" ва бохти сеюми пайиҳами "Хулбук" буд.

Дар ин давр дастаи "Регар-ТадАЗ"-и шаҳри Турсунзода дар бозии хонагӣ муқобили "Эсхата" ғалаба карда натавонист. Бозии дастаҳо бо натиҷаи мусовии 1:1 хотима ёфт. Ҳоло дар ҷадвали мусобиқа дастаҳои "Регар-ТадАЗ" ва "Эсхата" бо 2 ғалаба, 2 мусовӣ ва 2-бохтӣ бо касби 8-имтиёзӣ дар зинаҳои 5-ум ва 8-ум мавқеъ гирифтаанд.



Бозӣ миёни дастаҳои "Панҷшер" ва "Равшан" дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Душанбе баргузор шуд ва бо ҳисоби 1:1 ба анҷом расид. Ин голи якуми "Панҷшер" дар мавсими имсолаи Лигаи олӣ аст. Дар панҷ бозии гузашта "Панҷшер" 10 тӯб аз дарвоза гирифта, як мусовии бегол ва 4 бохт дошт.

"Истаравшан" ва "Ҳосилот" дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Душанбе бо ҳисоби 1:1 бозӣ карданд. Ин мусовии 3-юми ин дастаҳо мебошад. То ҳанӯз дастаҳо ғалаба надоранд ва ҳамчунин, 3-бохтиро низ ба қайд гирифтаанд.

«Вахш» то ҳанӯз дар Лигаи олӣ шикастнопазир аст. Ин навбат КМВА бо ҳисоби 1:2 мағлуб карда шуд. КМВА бохти дуюмро ба қайд гирфт.

"Истиқлол" бо мағлуб кардани «Баркчӣ» (1:0) пешсафиро дар Лигаи олӣ идома медиҳад. Ин панҷумин пирӯзии "Истиқлол" ва дуюмин бохти «Баркчӣ» дар мавсими имсола мебошад.

## ҶОМИ ҶАҲОН-U-17

# ҲАМАИ ДАСТАҲО МАЪЛУМ ШУДАНД, ТОҶИКИСТОН ДАР САБАДИ СЕЮМ АСТ




**Ҷоми ҷаҳонии футбол-U17-2025, ки бистумин Ҷоми ҷаҳонии FIFA миёни наврасони то 17-сола аст, аз 3 то 27-уми ноябр дар Қатар баргузор мешавад. Ин аввалин мусобиқаест, ки дар он 48 даста ширкат мекунанд. Ҳамаи ин дастаҳо маълум шуданд.**

Миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ дастаҳои наврасони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон соҳиби роҳхат ба Ҷоми ҷаҳон-2025 шуданд. Унвони қаҳрамонро Олмон, ки соли 2023 дар Индонезия ба даст оварда буд, ҳимоя мекунад.

Дастаҳо пеш аз қуръакашӣ, ки 24-уми май дар Давҳа баргузор мешавад, дар сабадҳо ба тавri зайл ҷой гирифтанд:

Сабади 1. Қатар, Бразилия, Фаронса, Малӣ, Олмон, Мексика, Аргентина, Ҷопон, Англия, Парагвай, ИМА, Сенегал.

Сабади 2. Курияи Ҷанубӣ, Италия, Марокаш, Ӯзбекистон, Белгия, Чилӣ, Зеландияи Нав, Хорватия, Колумбия, Гондурас, Венесуэла, Буркина Фасо.

Сабади 3. Коста-Рика, Тоҷикистон, Индонезия, Панама, Кореяи Шимолӣ, Кот-Д'Ивуар, Тунис, Каледонияи Нав, Канада, Африқои Ҷанубӣ, Австрия, Ҳоитӣ.

Сабади 4. Боливия, Ҷумҳурии Чех, Миср, Салвадор, Фиҷӣ, Португалия, Ирландия, Арабистони Саудӣ, Швейцария, АМА, Уганда, Замбия.

## КУШТӢ

# 108 ПАҲЛАВОН ДАР ҶОМИ РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**26-уми апрел дар Душанбе бахшида ба Рӯзи пойтахт барои дарёфти Ҷоми раиси шаҳри Душанбе мусобиқаи байналмилалии куштӣ баргузор мешавад.**

Дар ин мусобиқа 108 паҳлавон аз 25 кишвар дар вазнҳои 65 кг, 78 кг, 95 ва +95 рақобат мекунанд. Тоҷикистонро дар ин мусобиқа 20 варзишгар намояндагӣ мекунанд. Духтарон танҳо дар вазни то 70 кг қувва месанҷанд.

Ҳайати Тоҷикистонро Муллораҷаб Халифаев, Сухроб Боқиев, Муслимбек Каримов, Сарвар Абдушукуров (ҳама 65 кг), Маҳмадшариф Наҷмиддинов, Раҳматуллобек Фарҳодов, Қоим Шукронов, Абубакр Боқиев (ҳама 78 кг), Исроил Раҳимов, Улуғбек Раҳимов, Комроншоҳ Устопириён, Муҷиб Меҳробҷонзода (ҳама 95 кг), Шакармамад Мирмамадов, Шарифҷон Назриев, Дадахон Қурбоналиев, Фирдавс Насимов (ҳама +95 кг) ва дар вазни 70 кг миёни бонувон Ҷонона Назарова, Шоҳида Қаландарова, Фазилат Гулбоева намояндагӣ мекунанд.

Ҷоизаи умумии мусобиқа 110 ҳазор доллар аст. Ҷойи аввал 10 000, ҷойи дуюм 5 000 ва сеюм 2 500 доллар мегирад.




## САМБО

# 27 МЕДАЛИ ВАРЗИШГАРОНИ ТОҶИК АЗ ЧЕМПИОНАТИ ОСИЁ ВА УҚЁНУСИЯ

**Дар Чемпионати самбои Осиё ва Уқёнусия, ки аз 14 то 20-уми апрел дар Тошканди Ӯзбекистон баргузор шуд, паҳлавонони Тоҷикистон 27 медал ба даст оварданд. Дар ин мусобиқот зиёда аз 600 варзишгар аз 20 кишвар ширкат варзиданд. Тоҷикистонро беш аз 40 варзишгар намояндагӣ карданд.**

Медалҳои тилоро дар ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон Шоҳрух Назаров байни варзишгарони дорои нуқсони чашм (вазни 79 кг), Собирҷон Сулаймонов (вазни 88 кг, М-2), Хайрулло Назриев (вазни +98 кг, М-6) ва Зайдулло Қурбонов (вазни 98 кг, М-7) байни устодон ба даст оварданд.

Ба медалҳои нуқра дар категорияи худ Деваштич Устопириён (то 79 кг), Зафар Олимшоев (то 88 кг), Холид Толибзода (то 88 кг, самбои размӣ), Худоёр Раҷабзода (то 71 кг, самбои размӣ), Рамазон Ҷумъаев (то 79 кг, самбои размӣ) мушарраф шуданд. Ҳамчунин дар категорияи устодон (самбои варзишӣ) ва наврасон (самбои размӣ) сетоӣ медали нуқра ва дар категорияи наврасон (самбои варзишӣ) - 1 медали нуқра ба даст оварда шуд. Медали нуқраро Муҳаммадҷон Зоҳидов (вазни то 98 кг, самбои варзишӣ) гирифт. Инчунин, варзишгарони тоҷик дар умум боз 10 медали биринҷӣ гирифтанд.

## РЕЗААХБОР



Амин Субҳонӣ, мутахассиси эронӣ аз вазифаи сармураббии дастаи «Ҳосилот»-и ноҳияи Фархор истеъфо дод. Даста дар 6 даври Лигаи олии Чемпионати футболи Тоҷикистон зери роҳбарии ин мутахассис то ҳанӯз ғалаба надорад. Тибқи иттилои даста, Зайниддин Раҳимов сармураббии нави «Ҳосилот» таъйин шудааст.

***

Дар финали Ҷоми Осиё (U17) тими Ӯзбекистон бар тими мизбон Арабистони Саудӣ пирӯз шуд. Дастаи наврасони Ӯзбекистон бо ҳайти 9 бозигар (2 бозигар корти сурх гирифтанд) бо ҳисоби 2:0 мизбони мусобиқаро мағлуб кард. Дар марҳилаи гурӯҳӣ низ Ӯзбекистон муқобили Арабистони Саудӣ зафар ёфта буд. Наврасони ин кишвар бори дуюм дар Осиё унвони қаҳрамониро соҳиб шуданд. Пештар соли 2012 дастаи Ӯзбекистон дар ин синну сол ғолиб шуда буд.

***

Дар Душанбе Чемпионати шатранҷи Осиёи Ғарбӣ миёни кӯдакону наврасон оғоз шуд, ки то 29-уми апрел идома меёбад. Зиёда аз 400 варзишгар аз 13 кишвар дар мусобиқа иштирок доранд. FIDE, Федератсияи шатранҷи Осиё ва Федератсияи шатранҷи Тоҷикистон ташаббускорони мусобиқа мебошанд.

***

Варзишгарони тоҷик дар Ҷоми ҷаҳонии каратэ WFKS, ки дар Маскав баргузор шуд, 32 медал ба даст оварданд. Дастаи Тоҷикистон 13 медали тилло, 12 нуқра ва 7 биринҷӣ ба даст овардааст. Дар ин мусобиқа беш аз 1200 варзишгар аз 10 кишвар, аз ҷумла Русия, Эрон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Арманистон, Ҳиндустон, Исроил, Беларус, Гурҷистон ва Тоҷикистон ширкат карданд.

***

Паҳлавонони Тоҷикистон Муҳаммадсолеҳ Қувватов (60 кг), Обид Чебов, Эмомалии Нуралӣ (66 кг), Абубакр Шеров (73 кг), Сомон Маҳмадбеков (81 кг), Умедҷон Раҷабов (90 кг), Ҷаҳонгир Маҷидов, Кароматулло Ҳакимов (100 кг), Темур Раҳимов (+100 кг), Ахлия Муминова (48 кг), Мадина Қурбонзода (52 кг), Александра Кан (57 кг) ва Виктория Киселёва (78 кг) барои ширкат дар Чемпионати ҷудои Осиё ба Тайланд сафар карданд. Мусобиқа аз 25 то 27-уми апрел дар шаҳри Бангкок баргузор мешавад.




## САҲМГУЗОРӢ

Чор нафар бо даъвати як дӯсти деринамон ба яке аз ноҳияҳои дурдаст сафар кардем. Як рафиқамон мошини хуб дошт ва пешниҳод кард, ки сафарро дар он анҷом бидиҳем.

Дар чойи таъиншуда чор нафар ҷамъ шудем. Ман ба ҳамроҳонам муроҷиат карда, гуфтам:

- Бачаҳо, биёед як маслиҳат мекунем. Азбаски соҳиби мошин бе ин ҳам дар хизмат аст, ӯро аз ҳама масраф озод мекунем. Дигар тамоми хароҷоти роҳ ба зиммаи ҳарсеямон мешавад. Рехтани бензин, хӯрок, ҷаримаи БДА ва ғайраро баробар тақсим мекунем.

Ба ин пешниҳоди ман ҳама якдилона розӣ шуданд. Дар баромадани шаҳр дӯсти аваламон масъалаи бензинро пурра ҳал кард ва эълон намуд:

- Ин бензин ҳам ба омадурафт мерасад ва ҳам зиёдатӣ мекунад.

Чун масъалаи бензин ҳал шуд, ҳама хушҳол гашта, роҳро давом додем. Тақрибан ду соат ҳаракат карда будем, ки ронанда савол ба миён гузошт:

- Ишкамҳо танбӯр навохта истодаанд ё не?

- Шуморо намедонам, ишками ман танбӯр чӣ, ки арғунун навохта истодааст,- лаб ба шиква кушод рафиқи дигарамон.

Дар ошхонаи наздиктарини сарироҳӣ манъ кардем ва масъалаи хӯроки нисфирӯзиро ҳам ҳал кардем. Рафиқи сеюмамон ба зорию илтиҷои мо гӯш накарда, маблағи хӯрокро пурра пардохт намуд.

Роҳро идома додему саволе моро азоб медод: «Рафиқи якум мошинашро дар ихтиёрамон гузошт, дувумӣ пули бензинро пурра пардохт кард, дӯсти сеюмамон пули хӯрокро дод, акнун ба ман чӣ мемонад?».

Дар ҳамин андешаҳо будам, ки ногаҳон мошин дар ҷояш ист кард. Ронанда ҳарчанд кӯшиш кард, вале беҳуда. Ҳама якҷоя аз мошин поин шудем ва ронанда сарпӯши мошинро кушода буд, ки ҳаври гарм боло зад.

- Об ҷӯшида будааст,- гуфт ронанда,- як сатил об рехтан даркор.

Ронанда аз боғчи мошин сатили пласмасиро баровар-да буд, ки аз дасташ кашида гирифтаму ба ҷониби наҳри пуроб давидам. Пас аз ду-се дақиқа бо сатили пуроб дар назди ронанда ҳозир шудам.

- Худатро беҳуда ташвиш додӣ, худам обро меовардам,- норозигӣ кард ронанда.

- Ҳеҷ гап не, дар оғози сафар маслиҳат карда будем, ки ҳамаи хароҷоти роҳро баробар тақсим мекунем. Ана ман ҳам ҳиссаи худро гузоштам,- ҷавоб додам ман.

## ТАЛАБОТИ НАВ

Дӯсти деринаамро тасодуфан дар кӯча вохӯрдам. Пас аз аҳволпурсии маъмулӣ савол дод:

- Акнун дигар ҷавон нестӣ, ки айшу ишрат бикунӣ. Ҳеҷ нияти ба ҳаҷ рафтанро дорӣ? Охир, ҳатто фаррошону роҳрӯбҳо ва посбонҳо ҳоҷӣ шудаанд.

- Бале, фаррошону роҳрӯбҳо ва посбонҳо бо нӯги сӯзан пул ҷамъ карда, соҳиби унвони ҳоҷӣ шуданд, вале ман ҳоло тайёр нестам.

- Наход ҳамин қадар сол кор карда бошиву сармояе ҷамъ накарда бошӣ, ки ақаллан ба ҳаҷи умра равӣ?,- бовар накарда пурсид ӯ.

- Не, ман дигар чизро дар назар дорам,- шарҳ додани шудам ман масъаларо.

- Боз кадом мушкилӣ дар миён аст, панҷ вақт намозро хонӣ, як моҳ рӯза гирӣ, закотро супорӣ. Боз кадом шарт будааст, ки мо бехабарем?,- норозигӣ кард дӯстам.

- Ҳозир ду шарти дигари ҳоҷиравӣ илова шудааст ва на ҳама имкони иҷрои онҳоро доранд ва ман ҳам дар ин қаторам.

- Гапро кашол надода, гӯй онҳоро,- асабӣ шуда талаб кард дӯстам.

- Акнун барои ҳоҷӣ шудан аввал бояд блогер шавӣ ва баъдан овозхон ва баъд метавонӣ ба ҳаҷ равӣ,- гуфтам ман.

**Ҷумъаи МИРЗО,
журналист**

## РӮЗНОМА

- Дадаам имрӯз маро ду бор заданд,- шикоят мекунад Аҳмад ба модараш.

- Барои чӣ зад?,- мепурсад модар.

Аҳмад:

- Бори аввал баҳои дуро дар рӯзнома дид, бори дуюм бошад, фаҳмид, ки рӯзномаи давраи мактаби худаш аст.

## РЕША

Полковник аз аскарони қаторӣ мепурсад:

- Хуууш, канӣ, кадоме аз шумо риёзидон ҳастед?

- Ман, ман, ман...,- садоҳои аскарон аз қатор баланд мешавад.

- Хеле хуб, риёзидонҳо як қадам ба пеш, белҳоро гирифта, решаҳоро кофтанӣ меравем!!!

## ТУҲФА

Ташриф аз Ғарибшо мепурсад:

- Занам пагоҳ зодрӯз дорад, ба фикрат, чӣ туҳфа гирам?

Ғарибшо:

- Ҳалқаи тилло.

- Чаро ҳалқа?

Ғарибшо:

- Барои он ки занҳо бо гӯшҳояшон дӯст медоранд!

## ҲАМ ИНУ ҲАМ ОН

Ташриф аз Ғарибшо мепурсад:

- Ҳа ҷӯра, чӣ ҳол дорӣ? Ту зан гирифтӣ ё ҳоло ҳам худат хӯрок мепазӣ?

Ғарибшо дар ҷавоб:

- Эҳ ҷӯра, напурс. Ҳам ину ҳам он!

## ТАКАББУР

Роҳбари корхонаи бонуфуз аз ҷавоне, ки коркобӣ омадааст, мепурсад:

- Хислати бехтарини худро бигӯед.

Ҷавон:

- Такаббур.

Роҳбар:

- Мо рӯзи душанбе ба шумо занг мезанем.

Ҷавон мегӯяд:

- Лозим нест. То он дам ман аллакай ҷои кор меёбам.

## МЕВАФУРӮШ

- Сержант!,- хитоб мекунад капитан,- чаро дар қатори якум аскарони қадбаланд саф кашидаанду дар қатори дуюм аскарони қадпаст?

Сержант:

- Узр, рафиқ капитан, ман қабл аз хизмат мевафурӯш будам!

## ПАНҶ ДАҚИҚА

- Азизам, ҳамин "дар панҷ дақиқа тайёр мешавам" гуфтани ту дар асл чӣ қадар давом мекунад?,- мепурсад шавҳар аз занаш.

- Ҳамон қадаре, ки шумо "баъди панҷ дақиқа дар хона мешавам" мегӯед,- посух медиҳад зан.

**Таҳияи
Н. РАҶАБОВА**

## Сканворд

